ЕЛЕНА СОКОЛОВА

# ДИЛИ ТИЛЛОӢ

АФСОНАҲО БАРОИ КӮДАКОН ВА КАЛОНСОНОН





АФСОНАҲО БАРОИ КӮДАКОН ВА КАЛОНСОНОН

ЕЛЕНА СОКОЛОВА

# ДИЛИ ТИЛЛОӢ

# ҲАВЗ

Дар ҳавзи хурдакак мурғобии хушбахте шино мекард. Ва ана ӯ хеле шино кард, ғӯта зад, обпошӣ кард ва барои дар болои алафи баланд сайр кардан ба соҳил баромад. Дар худи хамин ҳавз ғуки хушбахте ҳам шино мекарду ғӯта мезад. Ва ана ӯ ҳам хеле шино кард, ғӯта зад, обпошӣ кард ва барои дар болои алафи баланд сайр кардан ба соҳил ҷаҳид.

Дар ҳамон ҷо онҳо вохӯрданд.

— Салом, мурғобича! Ту-қурр-чи қурр зебоӣ! — гуфт ғук.

— Салом, ғук! Ту-ға чи-ға-ға зебоӣ!

Дар куҷо зиндагӣ мекунӣ? — пурсид мурғобича.

— Оҳ! Ман ҳавзи зебо дорам! Дар он оби шаффоф аст, дар алафи соҳил бошад хомӯшакҳои бомаза! — ҷавоб дод ғук.

— Чӣ хел зӯр! Дар ҳавзи ман ҳам оби соф аст, ва дар атрофаш пури хомӯшакҳои бомаза! Биё ба хонаам меҳмон шав!

— Бо камоли майл! — хурсанд шуд ғук.

Ва мурғобича ғукро ба назди ҳавзаш бурд. Вакте ки онҳо ба он ҷо омаданд, ғук ҳайрон шуда, гуфт:

— Ту маро ба ҳавзи худам ба меҳмонӣ овардӣ?

Мурғобича низ ҳайрон шуд:

— Чаро ту ҳавзи маро аз они худат мегӯӣ?

Ғук ва мурғобича ҷанҷол карданд, аммо ҳеҷ аниқ карда натавонистанд, ки ҳавз аз они кист. Оқибат, аз ҳархаша хаста шуда, онҳо қарор доданд:

— Мусобиқа мекунем! Касе ки тезтар то соҳили дигар шино карда равад, ҳавз аз они ӯст!

Ҳамин тавр ҳам карданд. Ғук ва мурғобича ба об ҷаҳиданд, бо тамоми қувва пойҳояшонро ба кор андохтанд, тамоми ҳавзро шӯронданд, аз таг лойро бардоштанд ва ба соҳили муқобил расиданд… баробар.

Ба ҳаяҷон омаданд, хеле тафсиданд — боз нофаҳмо ҳавз аз они кист?

— Биё ин тавр мекунем: касе ки чӯбчаро дуртар партояд — ҳавз аз они ӯст! — пешниҳод кард ғук.

— Биё! — розӣ шуд мурғобича.

Партофтанро сар карданд. Тамоми ҳавзро бо чӯбча, паро — хасча, шохча ифлос карданд, аммо ҳамин тавр аниқ накарданд, ки кадоме аз онҳо дуртар партофт.

Ба ҳавз писарбача Даня бо киштичаи худсохт дар даст омад. Ӯ дид, ки ҳавз чӣ гуна шудааст, ғук ва мурғобичаи аз дасту по мондаро дид ва қариб гиря мекард. Даня киштичаи худро дар соҳил монду худаш ба хона шитофт. Ба ҳавз Даня бо домхалта баргашт. Ӯ бо ин домхалта тамоми ифлосиро гирифта партофт, ба соҳил кундаеро ҳамон хел часпонд, ки дар болои об овезон истад, ва ғук дар зери он пинҳон шуда тавонад. Ғукро ба он кунда шинонд.

Даня мурғобичаро гирифт ва эҳтиёткорона ӯро ба об сар доду дар пешаш бурда нон гузошт. Пас аз ин Даня киштичаи худро ба шиноварӣ сар дод ва аз соҳил ба он нигоҳ мекард.

Мурғобича ба ғук гуфт:



— Оё медонӣ, ки ҳавз аз они кист?

— Медонам, — ҷавоб дод ғук, — Аз они Данка. Ва ба ман дар ҳавзи Данка зиндагӣ кардан маъқул аст!

— Ба ман ҳам! — хурсандона гуфт мурғобича ва аз паси габӯсаки обӣ ғӯта зад.

# ЗАНБӮРАКҲО

Рӯзи гарми тобистон ду занбӯрак яктогӣ сатилча гирифтанд ва аз канду барои шаҳд парида рафтанд: «З-з-з…»

Занбӯракҳо дар алафзор гули зебоеро диданд ва дар болои он сар ба сар заданд.

— З-з-з ин гули ман аст! — виззос зад занбӯраки якум.

— Не, з-з-з ин гули ман аст! — чавоб дод занбӯраки дуюм.

Аз наздашон занбӯраки кунҷкове парида мегузашт ва, ҷанҷолчиҳоро дида, виззос зад:

— Шумо з-з-з ин ҷо чӣ кор мекунед?

— Асал ҷамъ мекунем, — ҷавоб дод яке аз занбӯракҳои якрав.

Занбӯраки кунҷков ҳайрон шуд:

— Ва ҳамин тавр шумо бисёр ҷамъ кардед?

Ба ҷавоб додани ҷанҷолиҳо шабпараки дар наздикӣ парида истода, халал расонд, ки диққати ӯро ҳам ҳархашаи занбӯракҳои дар болои гул муаллақ монда ба худ ҷалб карда буд. ӯ, ҳайрон монда, пурсид:

— Ба шумо чӣ шуд?

— Онҳо асал ҷамъ мекунанд, — ба ҷои ҷанҷолиҳо ҷавоб дод занбӯраки кунҷков.

— Чӣ хел ҳайратовар, — гуфт шабпарак.

— Ҳеҷ чизи ҳайратовар нест, — гуфт яке аз занбӯракхо, ки бо дугонааш сар ба сар зада буд, — мо барои адолат мубориза мебарем. Мисли ҷанговарони далер!

— Фикр мекунед, барои ин кор ба шумо медал медиҳанд? — шӯхӣ кард шабпарак.

— Шунидӣ? Барои ин гуна истодагарӣ ба мо медал додан даркор! — хурсанд шуд занбӯраки якум.

— Хайр, акнун ман аниқ пас намегардам! То мурдан меистам! — ҷасорати худро зоҳир намуд занбӯраки дуюм.

Занбӯраки кунҷков, ки ҳоло ҳам аз як тараф ба онҳо нигоҳ мекард, қариб гиря карда, гуфт:

— Аз фикратон гардед, охир ҳама ба шумо умед мебанданд, мунтазир ҳастанд, ки шумо шаҳд меоред! Ба ҳамдигар гузашт кунед. Ана дар атроф чӣ кадар гулҳои зебост!

Яке аз занбӯракҳои устувор ҳайрон шуд:

— Агар з-з-з- гулро бибахши, охир чӣ з-з-з хел шаҳд ҷамъ мекунӣ?

— Рост! — тасдик кард занбӯраки дуюм. — Агар ба ҳамдигар гузашт кардан гирӣ, он гоҳ тамоман бе шаҳд мемонӣ!

Занбӯраки кунҷков, ки ин саҳнаро тамошо мекард, оҳи вазнин кашид ва, ғамгинона ҳартумчаашро поён карда, барои аз гулҳое, ки тамоми алафзорро фаро гирифта буданд, ҷамъ кардани шаҳд, парида рафт. Шабпарак бошад ҳоло ҳам дар атрофии занбӯракҳои якрав бо қанотҳои зебои худ бол мезад, аммо ногаҳон як лаҳза бозистод ва навозишкорона гуфт:

— Ман дар куҷое шунида будам, ки чизи худро не, балки манфиати дигаронро ҷустан лозим аст.



Яке аз занбӯракҳои якрав рӯҳбаланд шуд.

— Шунидӣ? — ба рақиби худ мурочиат кард ӯ. — Ту бояд манфиати худро не, балки манфиати маро бичуӣ!

Инак аз ин ҷо парида рав! Ин гули ман аст! Ман якум шуда онро дидам!

Ба ин занбӯраки дуюм ҷавоб дод:

— Хести, ки хобат, бояд ту манфиати маро бичуӣ, бинобар ин аз ин ҷо парида рав!

Рӯз бегоҳ мешуд. Баргҳои гуле, ки занбӯракҳои оштинопазир дар болои он парвоз мекарданд, оҳиста пушида мешуд. Рақибони аз дасту по монда ба ғайр аз он ки ба хона раванд, дигар илоҷе надоштанд.

Мурданивор хаста шуда, онҳо ба канду баргаштанд, ва базӯр ба нова ғалтиданд, аммо бо овози гирифта виззос задаю якдигарро гунаҳкор карда, ба ҳамқавмони худ ҳак будани худро исбот мекарданд:

— Чӣ тавр з-з-з ӯ якрав аст! Танҳо дар бораи худ фикр мекунад!

# ГУЛПАРВАР

Дар шаҳри калон, дар ошёнаи охирини хонаи баландошёна балкончаи хурдакаке буд. Ҳар тобистон ҳама ҷои он аз гулҳои ниҳоят гуногун рангоранг мешуд. Соҳиби балкон чун одами ғалатӣ ном бароварда буд. У камгап, номеҳрубон буд, ва феъли вазнини ӯ дар серғурбатиаш зоҳир мегардид.

Дӯстдори гулҳо дар атрофии худ дӯстонро ҷамъ кардан наметавонист ва аксар вақт танҳо буд. Соле як бор гулпарвар ба кишварҳои дурдаст мерафт ва аз ҳар як сафар тухмии гул меовард. На ин ки оддӣ, балки камёфтро.

Ва инак дар яке аз кишварҳои дурдаст ӯ боре, саросема нашуда, аз назди растаҳои бозор мегузашт ва ногоҳ карахт шуда истод. Дар пеши ӯ гулҳои фавқулодда зебо меистоданд. Гулбаргҳояшон, монанди болу пари тобони паррандаи биҳиштӣ, бо шукӯҳи худ ҳар касеро, ки ба онҳо нигоҳ мекард, хурсанд мекарданд.

— Гулҳои ту чӣ ном доранд? — аз фурӯшанда пурсид гулпарвар. — Ва тухмии онҳо чанд пул аст?

— Гулҳо «Ҳақиқат» ном доранд, ва тухмии онҳо бебаҳо мебошад. Дар ин бора чӣ ҳам гӯям: «Ҳақиқат» — навъи ягонаест, ки ман онро савдо намек-

унам. Аз тамоми боқимондааш ҳар чизеро, ки дилат мекашад, интихоб кун.

— Оҳ, ман чӣ хел маҳз ҳамин гулҳоро мехостам! Чизи дигаре лозим нест! Ман тайёрам барои онҳо ҳама чизро, ки пурсӣ, ба ту диҳам!

— Хайр, аҷнабӣ, агар хоҳиши ту ин қадар калон бошад, ман онҳоро ба ту тӯҳфа мекунам.

Мусофир ба шаҳри худ баргашт ва «Ҳақиқат»-ро дар қуттии алоҳидае, ки дар балкон буд, корид.

Боре субҳидам, хушҳолу хушбахт, ӯ, бо худ гирифтани бутерброд ва ҳасибро фаромӯш накарда, ба кор рафт. Дар истгоҳи автобус ба назди гулпарвар оҳиста гурбаи серпашми зард омад ва тумшуқашро ба кунҷи портфел, айнан ба ҳамон ҷое, ки бутерброд буд, молидан гирифт. Дӯстдори гулҳо гурбаро чунон бо ғазаб пиш гуфт, ки он, думашро бардошта, тир барин аз рӯи сабза давида гузашт ва ба дарахт баромад.

Ҳамин вақт автобус омад, ва дӯстдори гулҳо ба зинапоя баромадан гирифт. Оё ӯ фикр карда метавонист, ки худи ҳамин лаҳза дар балкони вай аз замини қуттӣ хор баромад. Каҷ ва дароз.

Чанд истгоҳ рафта, гулпарвар ба сӯи баромадгоҳ ҳаракат намуд. У нозбардорӣ намекард, бо портфели худ мусофиронро мехарошид, ва замоне ки сумкаи касеро зада гузашт, овози норозиёнаи занонаро шунид:

— Илтимос, оҳистатар!

Гулпарвар оташин шуд:

— Ҳа, чӣ, дигар ҷои сумкамонӣ набуд магар! Чизҳои худро назорат кунед!

Ӯ аз автобус фаромад ва ба тарафи дари офиси худаш равон шуд, аммо дар балкон боз як хори дигар неш зада баромад. Дароз, каҷ ва часпак.



Дӯстдори гулҳо ба кор дер монда истода буд. Сардор, ӯро дида, гуфт:

— Бо сабаби дер омаданатон мо фармоишро сари вақт ба мизоҷ равон карда натавонистем!

Дӯстдори гулҳо раҳмоварона чашм мепаронд:

— Оҳ, шумо медонед, ман худамро хеле бад ҳис мекардам.

То ки доруи даркориро пайдо кардам, то боварӣ ҳосил кардам, ки он фоида кард…

Дар балкон аз замини қуттии гул хор баромад. Каҷ ва часпак.

Вақте ки бегоҳӣ гулпарвар аз кор бармегашт, дар назди хонааш дӯсти деринаашро вохӯрд.

— Салом! — гуфт дӯсташ. — Корҳо чӣ хел?

— Хуб, рангу рӯят хуб менамояд!

— Ташаккур, ту ҳам бад не. Доимо сафар мекунӣ?

— Ҳа. Ин дафъа тухмии гулҳои навро овардам.

— Офарин, барори кор.

— Ташаккур, то дидан!

Рафиқаш ҳоло дур нарафта, гулпарвар ғурунгос зад:

— Чӣ қадар лоғар!

Ва боз як хор дар балкон неш зад.

Дӯстдори гулҳо ба ошёнаи баланди худ расид, ба балкон баромад ва дар қуттии худ… хорҳои нешзадаро дид.

— Ин «Ҳақиқат» аст? — фарёд кард ӯ. — Ин чӣ хел «Ҳақиқат» аст?! Танҳо хорҳо! Оҳ, ӯ фиребгар будааст! Ин фурӯшанда!

Аз бом ба балкон гурбаи зард, худи ҳамон, ки субҳидам дар истгоҳ ба портфели бутерброддор мечаспид, парида фаромад.

Гулпарвар бо хашм хиррос зад:

— Дафъ шав!

Гурба ҷинҷ шуд, ва аз замини қуттии гул хор баромад. Дӯстдори гулҳо даступо хӯрд:

— Ана барои чӣ хор мебарояд ва бо кадом сабаб гул ин тавр номида шудааст… Пиш-пиш-пиш, — ӯ меҳрубонона гурбаро ҷеғ задан гирифт.

Ва худи ҳамон лаҳза рост дар пеши чашмаш хор гашта ба замин даромад.

Гулпарвар ба ҳуҷраи худ рафт, ба роҳаткурсӣ нишаст ва, чашмонашро пӯшида, ба фикр фурӯ рафт. ӯ ногоҳ рафтори имрузаи худро гуё аз як тараф дид. Зиқ шуд.

Баъд ҳамаи он чизҳое, ки ӯ пештар кардааст, ва, умуман, рафторҳое, ки дар ҳаёт ба онҳо одат карда буд, ба чашмаш аён гаштанд. Оби чашмаш равон шуд, ӯ гиря кард.

Субҳи дигар дӯстдори гулҳо тараддуди ба кор рафтан дошт. Ӯ дар бораи як чиз фикр мекард: коре карда дер намонам, ягон гапи зиёдатӣ нагӯям, ягон касро наранҷонам, наозорам ва фиреб надиҳам.

Вақти зиёде гузашт. Боре дӯстдори гулҳо ба балкони худ баромад ва аз манзараи зебогии афсонавӣ карахт шуда монд. Дар худи ҳамон қуттӣ, ки дер боз чизе намерӯид, гулҳо шукуфтанд. Гулбаргҳои онҳо, мисли болҳои паррандаи биҳиштӣ дар зери нури офтоб ҷило медоданд. Аз чашмонаш ашк рехт, ӯ оҳиста пичиррос зада гуфт:

— Ташаккур ба ту, ки ба ман «Ҳақиқатро» тӯҳфа кардӣ…

# ТӮҲФАИ МАВЛУДӢ

Як писараки хеле камбағал ягон чиз ва ягон кас надошт. Ягон кас, ҳатто модар ва падар, ва ягон чиз, ба ғайр аз ном, Женя.

Женя дар хонаи хеле хурдакаки як хона ниҳоят калон зиндагӣ мекард. Соҳиби ин хона зани хеле бой буд.

Ин зани бой хизматгорони зиёд дошт, ки кори бисёреро ичро мекарданд, то ки хонаи ӯ аз ҳама зебо ва бароҳат бошад.

Писараки бечора Женя, ки ягон чиз ва ягон кас надошт, дар ошхона ба хизматгорон ёрӣ мерасонд: картошка тоза мекард, дегу табақҳоро мешуст, хокрӯбаро мебаровард.

Писари соҳиби хонаи хеле калон ниҳоят эрка ва инчиқ буд. Ӯ хама чиз дошт: як шкаф курта ва костюмҳо, анбори пур аз қуттӣ бо туфлиҳо, кроссовкаҳо ва мӯзаҳо, бозичаҳои аз ҳама қимат ва китобҳои ғафс бо суратҳои ранга, компютер ва видеомагнитофон. Аммо як чизе ки ӯ ҳеҷ гоҳ надошт ва дошта ҳам наметавонист, бозиҳое буданд, ки пазлаҳо ном доштанд. Писари зани хеле бой ягон чизи арзон ва чизҳоеро, ки бо дасти худ сохтан лозим буд, дӯст намедошт.

Бисёр вақт, замоне ки писараки камбағал Женя хокрӯбаро мебаровард, дар он на танҳо бозичаҳои шикас-

та, балки тамоман бутунашро ҳам меёфт. Ҳамаи дилхушиҳо зуд ба дили писари соҳибхоназан мезаданд, ва чизҳоеро, ки ба дилаш мезаданд, ӯ мепартофт. Женя ҳангоми дар хокрӯба дидани бозичаҳо аз нагирифтан ва пинҳонӣ ба хонаи худ набурдани онҳо худдорӣ карда наметавонист. Фақат ҳар дафъа ин кор барои ӯ ғамангез анҷом меёфт. Ҳар боре ки ӯ кӯшиш мекард бозёфташро дар байни чиҳози фақиронааш пинҳон кунад, соҳибхоназан ҳатман онро меёфт, хизматгорро ҷанг мекард ва ҷазо медод, ва бозичаро дар пеши чашми ӯ бо пойҳояш мекӯфту берун мепартофт. Ӯ зани хеле бой ва хеле хасис буд. Ҳама дар хона медонистанд, ки соати даҳи бегоҳ ӯ барои хомӯш кардани чароғ хона ба хона мегардад.

Женя хеле аз торикӣ метарсид. Ҳар бегоҳ баъд аз соати даҳ ӯ дар бистараш меҷунбид, ба шифти хона нигоҳ мекард, гиря мекард ва дуру дароз хобаш намебурд.

Боре пеш аз иди Мавлуд писараке, ки чизе ва касе надошт, дар кӯчаи серғалоғулаи идона аз пеши мағозаи бозичаҳо мегузашт. Охир ман ба ин ҷо фақат барои тамошо кардани бозичаҳо даромада метавонам-ку, фикр кард ӯ.

Дар паси раста фурӯшанда истода буд ва бо харидори либоси бой дошта гап мезад. Женяи даромадаро дида, ӯ гуфт:

— Писарак, ту пул дорӣ? Агар фақат тамошо бошад, он гоҳ аз кӯча тамошо кун. Дар тахтаи намоиш ҳама чиз гузошта шудааст.

Женя зуд ба кӯча баромад. Аз паси ӯ харидори либоси бой дошта ҳам баромад. ӯ ба писарак расида гирифт ва пурсид:

— Номи ту чист?

— Женя.

— Падару модарат дар куҷоанд?

— Ман касе надорам, ҳатто падару модар ҳам.

— Он гоҳ ту бо ки зиндагӣ мекунӣ? Аммо ман ҳама чизро бе ин ҳам медонам… Ту дар хонаи як зани хеле бой ва хеле хасис ҳамчун хизматгор зиндагӣ мекунӣ.

— Ҳа, — ба ҳайрат омада, гуфт Женя, — вале шумо кистед?

— Ман — Фаришта. Дар арафаи Мавлуд ҳар гуна хоҳишро иҷро мекунам, кадом бозичаеро, ки хоҳӣ, ба ту тӯҳфа карда метавонам.

— Ташаккур, аммо ба ҳар сурат онро аз дасти ман кашида мегиранд.

Фаришта табассум кард:

— Аммо ту маҳз кадом бозичаро мехоҳӣ?

Женя, чашмонашро хаёломез нимпӯш карда, гуфт:

— Бозича — ин хуб аст, аммо медонӣ, Фаришта, дар ҷаҳон аз ҳама бисёртар ман мехоҳам, ки аз торикӣ натарсам.

Баъд ӯ сарашро поён фаровард, бахшиш пурсид ва тез-тез қадам зада ба тарафи хонаи хеле калон рафт, то ки дар ҳуҷрае, ки ҳеҷ кас гиряи ӯро дида наметавонад, пинҳон шавад.

Фаришта боз камтари дигар дар кӯчаи серғалоғула дар бораи чизе фикр карда истод ва ба мағозаи бозичаҳо баргашт. Ба зудӣ ба он ҷо зане даромад. Фурӯшанда навозишкорона аз ӯ пурсид:

— Чӣ мехоҳед?

— Маро барои ҷашн гирифтани иди Мавлуд ба як хонаи хеле бой даъват намуданд, — фаҳмонданӣ шуд харидор, — ва барои писараки хеле эрка ва инҷиқ, ки ҳама чиз дорад, тӯҳфа лозим аст.

— Мебахшед, ки ҳамроҳ мешавам, гуфт ношиносе, ки либоси бой дошт, ва номаълум аз ким куҷо пайдо шуд, — ин писарак ягон дастаи пазлҳоро* надорад. Ин мутлақо аниқ аст. Ва маслиҳат медиҳам ба ӯ ана ин дастаро тӯҳфа кунед.

Ношинос қуттии расми рангпарида доштаро нишон дод. Харидор бо ҳайрат ба мол ва маслиҳатдиҳанда нигоҳ кард.

— Фу, чӣ хел сурати хира ва назарногир, — гуфт ӯ. — шумо боварӣ доред, ки ин маҳз ҳамон чизест, ки лозим аст?

— Комилан.

Харидор боз як бор ба ношинос нигоҳ кард. Палто ва пойафзоли қимат, ситорагарм — тамоми андоми ӯ боварибахш буд, гарчанде ки маслиҳати харидани дастаи пазлҳои дар қуттиаш сурати хирашуда дошта ба ӯ ҳоло ҳам шубҳаовар менамуд. Аммо ба ҳар ҳол ӯ мувофиқи ин маслиҳат амал кард.

Ду рӯз пас ид фаро расид. Дар хонаи оросташудаи зани хеле бой меҳмонон ҷамъ омаданд. Онҳо хурсандӣ мекарданд, зиёфат мехӯрданд, ва ана лаҳзаи кушодани тӯҳфаҳо расид. Писари соҳибхона борбандҳоро аз паи якдигар медарронд. ӯ вақти зиёде сарф кард, то ки ҳамаи тӯҳфаҳоро аз назар гузаронад, ва ба зудӣ дар байни хона тӯдаи коғази рангаи ҷилодор ба вуҷуд омад. Акнун ин хокрӯба буд, ки писараки камбағал Женя бояд ҷамъ карда мепартофт. Вақте ки ид ба охир роасид ӯ софдилона, хокрӯбаро ба коғазхалтаҳо тела дода, ба иҷрои вазифаи худ шурӯъ кард. Дар байни коғазпораҳо, мисли ҳарвақта, Женя қуттии накушодаеро дид. Ин пазлҳо буданд.

---

* Бозии кӯдакона: *ҷо ба ҷо гузоштани муаммои кошинкорӣ*

Ба Женя хеле хуб маълум буд, ки ин гуна воқеаҳо чӣ тавр анҷом меёбанд, аммо ба ҳар ҳол ӯ қуттиро ба зери бағал заду халтаҳои пурро бошад ба ахлотпартояк гирифта бурд. Вақте ки хокрӯба партофта шуд, писарак ба хонаи худаш давида рафт ва пазлҳоро дар зери матрас пинҳон кард. Субҳи дигари пас аз ид дар хонаи хеле бой ҳама дуру дароз мехобиданд. Ҳама, ба ғайр аз хизматгорон ва, албатта, Женя. Ӯ бо шавқ суратро ҷобаҷо мекард ва то он даме, ки соҳибхоназан дар хона бедор шуд онро ҷобаҷо карда шуд. Аммо соати даҳи бегоҳии рӯзи якуми баъд аз иди Мавлуд ӯ мисли ҳарвақта ба хонаи пешхизматон даромад, то ки чароғро хомӯш кунад, ва суратеро дид, ки аз пазлҳо ҷамъ карда шуда буд.

Сурат ба назари ӯ он қадар тира ва назарногир намуд, ки вай барои гирифта партофтани он кувваташро дареғ дошт.

Базӯр ба он нигоҳ карда, соҳибхоназан чароғро хомӯш кард ва аз паси худ дарро сахт пӯшида рафт.

Женя аз торикӣ тарсида, гиря кардани шуд, аммо... Ногаҳон сурати ҷобаҷокардаи ӯ чунон дурахшид, ки гӯё дар хонаи ӯ чароғҳо афрӯхта шуданд.

Женя, дам набароварда, ба рангҳои фосфордор нигоҳ мекард, ки пазлҳои дар рӯзи равшан тира бударо ба чароғпояи дурахшон табдил дода буданд. Дар сурат тасвири одаме бо чанбари хордор ва ин калимаҳо буданд: «Исо туро дӯст медорад».

«Ташаккур ба ту, Фаришта», — дар хаёлаш Женя ба ношинос миннатдорӣ баён кард ва ба хоби ширин рафт. ӯ дигар аз торикӣ наметарсид.

# ГУЛДОН

Буд набуд шоҳзодаи зебое буд. Ва ӯ қарор дод оиладор шавад, аммо намедонист бо кӣ. Тамоми духтарон ба назари ӯ як хел зебо менамуданд. Оиладоршавии шоҳзода на танҳо як худи ӯро безобита мекард.

Охир, чӣ тавре ки ин ба ҳама маълум аст, писандидаи шоҳзода баъд ҳамроҳи шавҳараш подшоҳиро идора мекунад. Малика шуда, ӯ ҳокимиятро ба даст меорад.

Ва инак боре ба тамоми гӯшаҳои подшоҳӣ қосидон равона карда шуданд, онҳо бояд он чизро эълон мекарданд, ки подшоҳи имрӯз дар қайди ҳаёт буда ва писари ӯ, шоҳзодаи валиаҳд, базм мемороянд. Он ҷо, дар базм, барои шоҳзода арӯс интихоб карда мешавад.

Тасаввур карда метавонед, ки ин ҷо чӣ сар шуд! Аз дӯконҳои савдо матоҳои аз ҳама қимат ва зебо нест шуданд. Мӯзадӯзони тамоми подшоҳӣ маҷбур буданд шабу рӯз меҳнат кунанд, то ки фармоишҳои туфлиҳои зеборо аз атлас ва кимхоб иҷро кунанд. Чеварони моҳири тӯрбоф рӯймолча, гиребонча, парпари тӯрӣ ва саростин тайёр карда истода, сарашонро намебардоштанд.

Ва инак рӯзи дилхоҳ фаро расид. Толори идонаи қаср аз одамоне, ки ба базм даъват шуда буданду бо

ҳаяҷон воқеаҳои ҳайратангезро интизор буданд, пур буд. Ба назди меҳмонон шоҳзода баромад.

— Базм бекор карда мешавад, — ғамгинона эълон кард ӯ.

Ҳама ҳар чизе ки бошад, аммо инро интизор набуданд. Чӣ шуд, чаро бекор карда мешавад, ба ҳайрат меомаданд меҳмонон.

Шоҳзода он қадар ранҷур менамуд, ки дигар ягон сухан гуфта наметавонист, ва боқимондаро дарборӣ шарҳ дод. Ҳодисаи нохуше сабаби бекор кардани базм шуда буд: шоҳзода тасодуфан гулдони дӯстдоштаи падарашро шикаст. Гулдонро ба подшоҳ дар рӯзи тӯяшон занаш тӯҳфа карда буд.

Меҳмонон аз ин гуна хабар на камтар аз шоҳзода ғамгин шуданд, ва шояд, ҳатто зиёдтар, охир онҳо хароҷоти зиёде карданд, то ки ба дарбор оянд. Садои овозҳо толорро фаро гирифт. Айнан ҳамин дақиқа ба назди меҳмонон худи подшоҳ баромад. Ӯ бо андӯҳ ба анбӯҳи одамони ороста нигоҳ кард ва гуфт:

— Даъватшудагони азиз! Шуморо аз ид маҳрум кардан беадолатӣ мешуд, бинобар ин эълон мекунам:

Агар нафаре аз шумо як шарти маро иҷро кунад, базм ороста мешавад. Агар дар байни шумо духтаре ёфт шавад, ки гулдонро ширеш карда, часпонад, он гоҳ базм барпо карда мешавад. Ва илова бар он: духтаре, ки гулдонро ба ман бутун бармегардонад, арӯси шоҳзода мешавад.

Меҳмонон хурсандона ба ҷунбиш даромаданд, подшоҳ бошад давом дод:

— Аммо ба назар гиред, гулдон бояд нав барин бошад, ва ягон пораи шиша набояд боқӣ монад.

Сад духтар дарҳол хоҳиши часпондани гулдонро изҳор намуданд, то ки он нав барин бошад. Ҳар кадоми онҳо бо илҳом, бо чашмҳои дурахшон меҳнат мекард, ва замоне ки кор ба охир мерасид, медид, ки якчанд порача ба ҳар ҳол боқӣ мондааст.

Духтарон, барои аз қисмҳои зиёдатӣ халос шудан, ҳар гуна фикрҳоро ба кор бурданд! Ба онҳо лой мемолиданд, як шишапораро бо дигараш дарун ба дарун карда мечаспонданд,ба тагаш, ба дарунаш мемонданд... ҳар дафъа, гулдони бо ҳамин роҳ ҷамъ кардашударо ба даст гирифта, шоҳзода фиребро ошкор мекард. Ва он гоҳ ба таассуфи бузурги заҳматкашон аз сари нав гулдонро мешикаст, ва довталаби навбатӣ ба кор шурӯъ мекард. Ҳамин тавр то он лаҳзае давом кард, ки яке аз духтарон гуфт:

— Мебахшӣ, шоҳзодаи зебо, ман ин гулдонро часпондан наметавонам. Ҳар қадар кӯшиш кунам ҳам шишапораҳои зиёдатӣ боқӣ мемонанд. Ва медонӣ, онҳо ба нақши гулдони ту комилан мувофиқ намеоянд.

Ин духтар, мисли пештараҳо, шишапораҳоро хеле аз назар гузаронд, онҳоро аз як ҷо ба ҷои дигар мегузошт ва гулдонро часпонд, аммо на ҳама порчаҳои ӯ ҳам сарф шуданд, вале ӯ онҳоро пинҳон карданӣ нашуд. Ва подшоҳ аз ин кор чӣ қадар шод шуд! Акнун муғамбирии ӯро ошкор кардан мумкин аст: ба шишапораҳои гулдони қиматбаҳо ӯ сафолпораҳои оддиро ҳамроҳ карда буд.

— Ана ҳамин духтар арӯси писари ман мешавад, — Эълон кард подшоҳ.

Ва сипас базм ороста шуд, ва меҳмонон аз сидқи дил хурсандӣ мекарданду ҳар дафъа аз хирадмандии подшоҳ ва зебогии арӯси шоҳзода ба шавқ меомаданд.

Баъд аз тӯй интихобкардашудаи шоҳзода он чизро фаҳмид, ки дар рӯи гулдон на ин ки нақш, балки калимаҳои печ дар печ навишташуда будаанд: муҳаббат, садоқат, раҳмдилӣ, фидокорӣ ва умед. Дар сафолпораҳо бошад, калимаҳои дигар навишта шуда буданд: ҳасад, хушомадгӯӣ, виқор, нафрат. Оё ҳамаи ин чизҳоро ба ҳам пайвастан мумкин буд?

# МАКТАБИ ҲАЁТ

Дар як шаҳри афсонавӣ хонаҳои сангини бомҳояшон нӯктез буданд, ва дар болои ҳар кадоме — лавҳаи равшани дурахшанда буд. Ба ин гуна лавҳа нигоҳ мекуниву дарҳол аниқ мешавад, ки соҳиби хона мувофиқи кадом ақидаҳо зиндагӣ мекунад.

Дар он ҷо, масалан, ин хел лавҳаҳо низ вомехӯрданд: «Танҳо ман!», «Танҳо барои ман!». Аз ҳама равшантар лавҳаҳои зерин медурахшиданд: «Ҳеҷ чиз нагӯй, ман туро намешунавам», «Ба ман ҳама кор мумкин аст», «Ба ман бисёр деҳ ё ба ман хеле бисёр деҳ, зеро ки барои ман доимо кам аст».

Дарҳои хонаҳои ин шаҳр, одатан, баста буданд. Кӯчаҳо аксар вақт холӣ буданд. Ба фикри шумо, чаро?

Боре ба ин шаҳри афсонавӣ як мусофир бо халтае дар паси китф омад. ӯ дари ҳар як хонаро мекӯфт ва, агар ҷавоб надиҳанд, аз халтаи худ лиффофаеро мебаровард ва онро дар остонаи дар мегузошт.

Мусофир ба хонаи Сережа Соколов омад. Лавҳаи ин хона чунин мегуфт: «Барои худ, ба худ, дар бораи худ». Мусофир ҳатто тасаввур карда наметавонист, ки дар дохилаш чӣ шуда истодааст. Аммо дар он ҷо бетартибие буд, ки кам вомехӯрад, ва афти худи соҳиби

хона ҳам мувофиқи он буд: мӯйи сараш шона накарда, рӯяш, дастонаш чиркин, либосаш ғичим.

Серёжаи пахмоқ тақ-тақи дарро шунида, қарор дод: биё ба берун бароям. Дид, ки — дар остона лиффофаи накушодаест. Сережа зуд онро бардошт, дарро пӯшонд, ба ҳуҷрааш шиппас зада рафт ва — ба рӯйи диван парид. Диван бошад ним сол боз рӯйпӯш карда нашуда буд. Серёжа лиффофаро кушод — дар дохилаш ким чӣ хел китоб, «Инҷил» ном дорад, ва боз як буклет.

«Дӯсти азиз! — хонд Сережа. — Туро ба мактаби ҳаёт даъват менамоям. Дар мактаб фаннҳои зерин ҳатмӣ мебошанд: саховат, раҳмдилӣ, некӣ, хоксорӣ, эҳтиром, мардонагӣ, пуртоқатӣ, камбағалпарварӣ, қаноат ва парҳез. Пас аз хатми бомуваффақияти мактаб ту дипломи одами ҳақиқиро мегирӣ, ва Ман ба наздат ба меҳмонӣ меоям. Директор ва муассиси мактаби ҳаёт Исои Масеҳ».

Сережа кунчковӣ кард, ки ин чӣ мактаб бошад, пештар дар бораи он ҳеҷ чиз нашунида будам. Бодиққат ба омӯхтани китоби дарсие, ки ин гуна номи аҷиб дошт, «Инҷил», шурӯъ кард.  Илова бар он ӯ бо кадом як сабабе мехост дар хонаи худ меҳмонеро, ки худашро директори мактаб Исои Масеҳ меномид, бинад. Бар замми ин, ӯ ҳатто мехост бо ин директор дӯст шавад.

Ва ана рӯз ба рӯз, ҳафта ба ҳафта, моҳ ба моҳ Сережа Соколов босаброна мазмуни китоби дарсиро дарк менамуд, ки Инҷил ном дошт. Ва бо ӯ як чизи аҷоибе рӯй додан гирифт. Аз чӣ бошад, ки ӯ қарор дод — ҳуҷраҳои хонаи ӯ бояд рӯфташуда, бистарҳо ғундошташуда бошанд, дегу табақ бояд шусташуда бошаду сачоқҳо тару тоза, тирезаҳо бошанд бояд ҳатман аз тозагӣ дурахшон бошанд.

Худи Сережа ҳатто пай набурд, ки чӣ тавр хонаи ӯ равшан ва хуррам шуд, ва лавҳаи кӯҳна ба кучҷое ғайб зад, ба ҷои он бо ҳазорон ҷило наваш пайдо шуд: «Барои дигарон, ба дигарон, ба ҷои дигарон, дар бораи дигарон».

Гуфтан лозим аст, ки он рӯз, вақте ки ба шаҳри афсонавӣ мусофири асобадаст даромад, номаи дар остона гузошташуда на танҳо Серёжа Соколовро ҳавасманд кард. Дар кӯчаҳои дигар ҳам хоҳишмандони омӯзандаи мактаби пурасрор мешуда пайдо шуданд. Ва ана аз ҳама аҷибаш чист, лавҳаҳои хонаҳои ин шаҳр дигар шудан гирифтанд, лавҳаҳое пайдо шуданд, ки пештар ҳеҷ кас да бораи онҳо нашунида буд: «Ба бенавоён ёрӣ мерасонам», «Гунаҳкоронро мебахшам», «Бекасонро хабар мегирам», «Бадиро фаромӯш мекунам». Онҳоеро, ки ба мактаби ҳаёт дохил нашуд, ин гуна эълонҳо метарсонданд ва ба ҳайрат меоварданд.

— Чӣ тавр бо ин хел ақида зиндагӣ кардан мумкин бошад? Агар танҳо ба худат ғамхорӣ накунӣ, чӣ мешавад? — мегуфтанд онҳо.

Аммо, ба ҳар ҳол, ҳама: ҳам онҳое, ки номаро қабул карданд, ва онҳое, ки онро ба инобат нагирифтанд, — дарҳои хонаҳяшонро мекушода ва ба ҳамдигар назар мекарда шуданд. Он ҳақиқате, ки лавҳаҳои одатии шаҳр дар оянда ҳам иваз мешуданд, ҳеҷ касро бепарво гузошта наметавонист. Ҳама бесаброна интизор буданд, ки лавҳаҳои нав чӣ гуна мешуда бошанд. Ва дар хонаҳо, гоҳ ин ҷову гоҳ он ҷо суханҳои нав афрӯхта мешуданд: «Дӯст пайдо кардан мехоҳам», «Дар бораи худат нақл кун, ин бароям шавқовар аст», «Ман ҳама чиз дорам, мехоҳам тақсим кунам», «Бо ман хӯроки

нисфирӯзӣ хӯред», «Дарҳои хонаи ман барои дӯстон доимо кушодаанд».

Кӯчаҳои шаҳри афсонавӣ серғалоғула ва зинда шуданд, ва ин чаҳли одамонеро овард, ки дар хонаҳои бастаи худ менишастанд ва бо ҳушёрӣ лавҳаҳои кӯҳнаро муҳофизат мекарданд: «Танҳо ман», «Танҳо ба ман», «Ҳеҷ гоҳ ба наздам надаро», «Аз ман чизе напурс», «Ҳеҷ чиз намедиҳам», «Ҳеҷ касро гӯш намекунам», «Ман кундфаҳму якрав ҳастам», «Ман бадқаҳр ва хасис ҳастам», «Ман ҳама чиз дорам, боз мехоҳам».

Шояд ба шумо ҳам дар ин шаҳр будан, дар кӯчаҳояш гаштан, лавҳаҳоро хондан муяссар гаштааст. Чӣ мешуд, агар ба он ҷо на ин ки чун мусофир, як сари роҳ, балки барои муддате дар он ҷо зиндагӣ кардан мерафтед? Дар болои дари шумо чӣ хел лавҳа овезон мешуд?

# МЕОМӮЗАМ

Петя суратро бо қалами бад тезкардашуда рангубор мекард. Қалам коғазро мехарошид ва хатҳои каҷ боқӣ мегузошт.

Дар бараш бародари Петя бо трансформер бозӣ мекард, ки, ба рангубор нигоҳ карда, гуфт:

— Қаламро тез кардан лозим.

Петя ранҷид, суратро ғиҷим кард ва ғурунгос зад:

— Ту умуман қалам надорӣ.

Петя ҳамроҳи бародараш ба боғчаи тобистона мерафт. Банди пойафзоли ӯ кушода шуд ва дар рӯи замин кашола шуда мерафт. Бародараш гуфт:

— Биё меистем. Ту бояд банди пойафзолатро бандӣ.

Петя ранҷид:

— Ба худат нигоҳ кун!

Онҳо ба дари боғчаи бачагон расиданд, ва ба Петя ба бародараш боз як луқма партофт:

— Бо мураббия салом карданро фаромӯш накун, набошад боз туро сарзаниш мекунанд.

Петя ранҷид:

— Ба ту чӣ? Туро сарзаниш намекунанд-ку...

Рӯзи дароз Петя ғур-ғур мекард: ҳам дар сайругашт, ҳам дар паси миз, ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ, дар вақти хоб рафтан, ва ҳатто вақте, ки аз боғча ба хона омад.

Ҳамин тавр ӯ доимо ғурунгос мезад, ва инак калон шуд, ва ба мактаб рафт.

Боре муаллима ба Петя гуфт:

— Ту вазифаи хонагиро хеле бад иҷро кардӣ, аз нав иҷро кардан лозим меояд. Илтимос, кӯшиш кун.

Дар хона Петя шикоят мекард:

— Магар ман кӯшиш накардам? Охир ҳама бо баҳои панҷ хондан наметавонанд-ку!

Дар синфи ҳашт Петя дар дарси меҳнат вазифаеро иҷро мекард: рақамчаи оҳанинро барои гардероби мактаб суфта мекард. Муаллими меҳнат ба вай гуфт:

— Биё нишон диҳам, ки суҳанро чӣ тавр дуруст доштан лозим аст, то ин ки ба ту қулай бошад.

Петя ранҷид:

— Худам нағз медонам, ки ба ман чӣ хел қулай асту чӣ хел ноқулай!

Муаллим китфонашро ба ҳам кашид:

— Ман фикр кардам, ки ту ёд гирифтан мехоҳӣ...

Петр калон шуд ва ҳар дафъа дар ҳаққи худ сарзаниш мешунавид, ки ӯ дағал, гарданшах ва якрав аст.

Петр танҳо рӯй мегардонд. Боре ӯро дар калисо сарзаниш карданд:

— Петр, бо одамон ин тавр сахт гап задан мумкин нест.

— Ба худ нигоҳ кардан лозим! — аз рӯи одат ҷавоб ӯ.

Як дафъа аз ӯ хоҳиш карданд:

— Ба пиразан ёрӣ деҳ. Ӯ дар хонаи ту зиндагӣ мекунад, худаш ба калисо омадан наметавонад. Охир ту мошин дорӣ, ӯро бо худ биёр.

— Охир чаро шумо маро ин қадар бисёр назорат мекунед? — ба ғазаб омад Петр.



— Худатон ба кампиракҳо ёрдам расонед, кори ман чӣ? Чаро ин қадар ба ман роҳ нишон медиҳед?

— Мо фикр кардем, ки ту ёд гирифтан мехоҳӣ...

Ин дафъа Петр чизе ҷавоб надод. Ногоҳ муаллими меҳнат ба хотираш омад, ки чанд сол пеш маҳз ҳамин хел суханҳоро ба ӯ гуфта буд.

Петр ба хона омад, чор варақи холиро гирифт ва дар ҳар кадомаш ҳамон як саволро навишт: «Чаро одамон маро сарзаниш мекунанд». Дар варақи якум ӯ ин тавр ҷавоб навишт: «Зеро ки ҳама маро дӯст намедоранд».

Дар дуюмаш: «Зеро ки маро дӯст медоранд». Дар сеюмаш: «Ҳама ба ман бадӣ мехоҳанд». Дар чорумаш: «ҳама ба ман некӣ мехоҳанд».

Баъд ӯ, ҷойҳои варақҳоро тағйир дода, якеашроро дур кардаву дигареро ба худ наздик карда, дуру дароз дар дасташ нигоҳ дошт. Каме фикр карда, Петр ду варақро ғиҷим кард ва онҳоро ба сатили хокрӯбагирӣ партофт. Ва он чиҳоеро партофт, ки дурӯғи маҳз мешуморид. Дар натиҷа дар дасти ӯ ду тахмин монд: «Зеро ки дӯст медоранд. Зеро ки ба ман некӣ мехоҳанд».

Петр чуқур нафас кашид ва ба худаш гуфт: «Дигар хафа намешавам. Балки меомӯзам».

# ДУХТУРИ БАДҚАҲР

Писарбача Миша, бари рӯяшро дошта, ба назди падараш омад ва гиря карда гуфт:

— Дандонам дард мекунад.

Падараш хавотир шуд:

— Ба назди духтури дандон рафтан лозим.

Падару писар зуд тайёр шуданд ва ба духтурхонаи стоматологӣ рафтанд.

Духтури дандон Мишаро бо чеҳраи кушод пешвоз гирифт, ба роҳаткурсӣ шинонд ва хоҳиш кард, ки даҳонашро кушояд. Миша итоаткорона хоҳишро иҷро кард, аммо духтур, ба даҳони Миша нигоҳ карда, навозишкорона гуфт:

— Дандонҳоят чӣ хел рост ҳастанд! Онҳо чанд-то бошанд?

Як, ду, се... Ҳамагӣ сиву ду дандон! Офарин! Ту чӣ хел писараки ботарбия ва хуб ҳастӣ! Боадабона гап мезанӣ... Хайр, бихез, Миша, ба хона рав. Ту — қобилак ҳастӣ.

Миша аз ҳар як сухани стоматолог шукуфта табассум мекард, комилан хушбахт аз курсӣ хест ва аз хурсандӣ дурахшида аз кабинет баромад.

— Хайр чӣ хел, писарам? — хавотир шуда, пурсид падараш.

— Ин қадар духтури дандони нағз! — ҷавоб дод Миша. —

Чунон нағз! Ба ман фақат суханҳои форам гуфт!

— Дандонат чӣ хел? — пурсуков кардан гирифт падар.

— Оҳ, дард мекунад...

Падар аз дасти Миша гирифт ва ба назди стоматологи дигар бурд.

Миша ба кабинет даромад, ба курсӣ нишаст ва даҳонашро кушод.

— Оҳ, чӣ хел кариеси даҳшатнок! — ҷиддӣ гуфт духтури дандон!

— Илова бар он кариеси кӯҳна ва гузаштарафта! — гӯё ки беморро нашунида, давом медод духтур. — табобат кардан ва пломба гузоштан лозим аст.

— Парма мекунед? — тарсида пурсид Миша.

— Парма мекунам, — то ки ҳама чизи пӯсидаро нест кунам, ва баъд пломба гузорам, — қатъиян тасдиқ кард духтур.

Миша гиря кард:

— Илтимос, илтимос… Ман дигар ширинӣ намехӯрам, ман доруи талхро мехӯрам, ман гапи падару модарамро гӯш мекунам, фақат дандонамро парма накунед!

Духтур пешониашро сахт ҷинҷ кард:

— Ту ширинӣ мехӯрӣ, ба ту хӯрдани доруи талх лозим намешавад, аммо гапи падару модаратро пас аз он, ки ман дандонатро табобат мекунам, бояд ҳамеша гӯш кунӣ.

Дар тӯли ҳамин қадар вақт падараш Мишаро дар долон интизор буд. Ӯ садои мошини пармакунанда, ҷарангос задани асбобҳои оҳанин, фиқ-фиқу ой-ой гуф-

тани Мишаро мешунид. Оқибат ҳама чиз ором шуд, ӯ аз кабинети духтури дандон баромад.

— Хайр чӣ хел, писаракам? — пурсид падари хавотиршуда.

Миша аз кисааш конфетро баровард, онро кушод, коғазашро ба падараш дод, конфетро бошад яклухт ба даҳонаш тела дод.

— Дигар ҳеҷ гоҳ ба назди ин духтури бадқаҳр намеоям! — гуфт писар. — Ман сиву ду дандони росту зебо дорам, ӯ бошад як кариесро дид ва танҳо дар бораи он гап зад!

— Аммо дандон чӣ хел? — боз як маротиба пурсид падар.

— Дандон дард намекунад. Аммо ба назди ин духтур дигар намеравам! Дандонҳоямро тоза мекунам, шир мехӯрам, творог мехӯрам, даҳонамро пас аз хӯрокхӯрӣ мечайқонам… аммо ба назди ин духтур дигар намеравам!

# ҶАДВАЛИ РӮЗ

Буд набуд як одами серкор буд. Покизакор, дақиқ, дӯстдори тартиб дар ҳама ҷо. Ҳар рӯзи ин одам ҳақиқатан дақиқа ба дақиқа ба рӯйхат даровварда шуда буд:

7.00 — хестан.

7.30 — ба гараж барои мошин.

7.45 — вақти ба кор рафтан ва писарашро ба мактаб бурдан

9.00 — саршавии рӯзи корӣ: тафтиши ҳуҷҷатҳо, зангҳо, вохӯриҳо, ба объект рафтан.

18.00 — охири рӯзи корӣ.

18.30 — ба хона омадан, хӯроки шоми сабук.

19.00 — тафтиши иҷро намудани вазифаи хонагии писар.

20.00 — бассейн бо зан ва писараш.

22.00 — ба хона баргаштан. Кор бо почта, Интернет.

23.30 — тайёрӣ ба хоб.

Боре ин одами боинтизом дар бораи он чиз шунид, ки Худо дуо гуфтан лозим аст.

Одами серкор ба таври хеле ҷиддӣ ба ҷадвали ҳаррӯзаи худ нигоҳ кард. Мутаассифона, дар он ҷо барои

дуо гуфтан ягон дақиқаи холӣ набуд. Фақат як кор монда буд, — дигар кардани вақти бедоршавӣ, ним соат барвақттар хестан ва ба Худованд Худо дуо гуфта, рӯзро сар кардан. Ҳамин тавр дар ҷадвали ӯ тағйирот ворид гашт: 6.30 — бедоршавӣ ва дуо гуфтан.

Вақтҳои аввал ба навигарӣ одат кардан душвор буд. Дуо ба корҳои амалии ӯ, ки натиҷаи онҳоро ӯ доимо медид ва ҳис мекард, монанд набуд. Бо вуҷуди ин, одами покизакор ва дақиқ ҳар рӯзро аз дуогӯӣ сар мекард — охир он дар ҷадвали ӯ қайд карда шуда буд.

Бо мурури замон одами серкор ҳис кард, ки, вақте ӯ аз Худо кӯмак ва дастгирӣ металабад, ба вай дуои пагоҳирӯзӣ камӣ мекунад. Хоҳиши ба ӯ дар бораи дастовардҳо нақл кардан ва барои нобарориҳо шикоят намудан пайдо шуд.

Одами серкор ба ҷадвали худ нигоҳ карда, барои дуои дуюм вақт ҷудо кард. Ба ӯ лозим шуд вақти хобравиро дигар кунад, акнун ӯ аз пештара дида ним соат дертар хоб мерафт.

Солҳо мегузаштанд. Писараш калон шуд, ва акнун тафтиш кардани иҷрои вазифаи хонагии ӯ зарур набуд. Боз солҳои бисёре гузашта рафтанд, ва одами серкор аз рӯи саломатӣ дигар ба бассейн рафта наметавонист.

Аммо бо гузашти замон корҳои ширкатро аллакай писари ба воя расидаи ӯ пеш мебурд. Ӯ вохӯриҳоро таъин мекард, гуфтушунид мекард, ба объект мерафт. Одами серкор пир шуд ва насиби ӯ вохӯриҳо бо дӯстон, сафар бо зан ва набераҳо, сайру гашт дар табиат буду халос...

Аммо вақти аз ҳама хурсандиовари ҳар рӯзи ӯ субҳ ва бегоҳӣ буд — вақти дуо, ки бо вуҷуди ҳамаи тағйиротҳо дар ҷадвал, мисли ҳарвақта боқӣ мемонд.

Боре одами хеле серкор, ки аз падараш на танҳо ширкат, балкӣ дақиқӣ, масъулият ва боинтизомиро ҳам мерос гирифта буд, ба норасоии вақт шикоят кард.

— Канӣ, писарам, ҷадвали худро ба ман нишон деҳ, — хоҳиш кард падар.

Чӣ ҳам гуфта мешуд, ҷадвал ниҳоят зич буд.

Падар табассум кард ва навозишкорона гуфт:

— Боз як нуқтаро илова кун, писарам. Вақти дуо гуфтанро.

# АЛАФИ ПЕЧАК

Хӯшаҳои заррини гандум қувват ва шира мегирифтанд. Саракҳои онҳо дар зери вазнинии донаҳо сар хам карда, интизори дарав буданд.

— Хӯша болои хӯша! — одамон бо шавқ ба майдони гандум менигаристанд.

Ҳеҷ кас пай набурд, ки дар замин дар назди решаҳои гандум алафи печак паҳн шудааст. Он дар майдон аз куҷо пайдо шуда бошад?

Алафи печак ба назди як хӯша хазида омад ва пичиррос зад:

— Ба ҳамаи шумо нигоҳ карда дилам месӯзад.

— Чаро? — пурсид хӯшача.

— Охир шумо ин ҷо дар зери борон ва гармӣ тамоман бепаноҳ истодаед… аммо чӣ хел вазниниро дар китф мебардоред!

Ана чӣ хел сарҳоятонро хам кардаед… ба шумо хеле ҳамдардӣ мекунам, ва махсусан ба ту. Ту монанди дигарон нестӣ. Сӯҳбат кардан ва гӯш кардан метавонӣ. Дили ман аз хоҳиши ба ту ғамхорӣ кардан пора-пора мешавад.

Хӯшача бодиққат гӯш мекард ва сарашро боз ҳам зиёдтар ба як тараф хам кард.

— Бовар кун, — боваринок пичиррос мезад алафи печак, — ту ба ман пурра умед баста метавонӣ. Ман такягоҳи ту мешавам.

Бо ин суханҳо алафи печак ба пояи хӯшача хазида рафт. Он хӯшаро то ба нӯгаш расидан печонда гирифт.

— Ту ҳис мекунӣ, ки ба ту чӣ қадар сабук шуд, ва саратро чӣ қадар баланд бардошта истода метавонӣ? — пурсид алафи печак.

Хӯшача дар ҳақиқат қомат рост кард ва ба дигарон аз балндӣ нигоҳ карда метавонист.

— Дар ҳақиқат рост, акнун ман ким чӣ хел хамидақомат нестам, балкӣ дар майдон аз ҳама хушқадду қомат, аз ҳама зебо ҳастам! — бо ифтихор мегуфт хӯшача. — Уф, дар атроф чӣ хел манзараи ҳуснангез, ҳама бо сарҳои хам истодаанд… Охир онҳо дар бораи ҷангале, ки онро дида наметавонанд, дар бораи абрҳо, ки ба сӯи онҳо ҳеҷ гоҳ чашм бардошта наметавонанд, дар бораи дарё, ки аз мавҷуд будани он умуман дарак надоранд, чӣ медонанд… Медонӣ, — ӯ бо шавқ давом медод, — ту дӯсти ҳақиқӣ ҳастӣ. Бе ту ман ҳеҷ гоҳ ҷаҳони атрофро фаҳмидан наметавонистам.

Алафи печак ҷавоб намедод. ӯ дигар гап задан намехост, балкӣ фақат майли хоб рафтан дошт. Баъд аз оворагӣ оқибат ӯ барои худ ҷои бароҳате ёфт, ва акнун ҳарисона обро аз решаҳои хӯша мемакид ва сахту бақувват мешуд. Алафи печак калон, ва ҷояш тораф тангтар мешуд. Он гоҳ вай, аллакай аз ягон кас напурсида, ба хӯшаҳои ҳамсоя гузашшт.

Ва инак рӯзе расид ва хӯшача ҳис кард, ки пояи он ба таври ҳайратангез хушку зудшикан шудааст.

— Ин чист? — тарсида пичиррос заду пас аз хеле вақт бори аввал ба поён нигоҳ кард.



Ба даҳшати худ, вай дид, ки алафи печак вайро дастгирӣ намекунад, балкӣ аз вай дошта истодааст.

— Ҳой, нигаред, тамоми майдон хамидааст, ва танҳо як хӯшаяк баланд аст, — ҳайрон шуд яке аз одамони аз наздикӣ гузаштаистода.

— Ман шунидам, ки дар майдон алафи печак пайдо шудааст, — фаҳмонд рафиқи ӯ.

— Ин бало аз куҷо сар зада бошад? — ғамгин мешуданд одамон.

Касе, ки якум шуда хӯшаяки баландшудаистодаро дид, омад ва алафи печакро бо решааш канда партофт. Хӯшаҳо ба якдигар расида, хурсандона хиширрос заданд, — онҳо даравро интизор буданд.

# КАЛЛАВАРАМ

Офтоби равшван ва осмони соф — барои дамгирии рӯзи шанбе боз чӣ лозим аст? Ду нафар аз даромадгоҳ баромаданд.

— Ту ба куҷо? — пурсид яке.

— Ба калисо, ба парастиши кӯдакона, — буд ҷавоб.

— Дар ҳамин хел боду ҳаво? Ту ин қадар каллаварам! Ман ба футбол — аз ҳама нотарсу чаққон мешавам!

Борон. Об аз боми хонаҳо мерезад ва аз шохаҳои калшудаи дарахтон мешорад. Худи ҳамон ду нафар аз даромадгоҳ баромаданд.

— Ту ба куҷо? — пурсид яке.

— Ба машқи хори калисо, — буд ҷавоб.

— Дар ҳамин гуна боду ҳаво? Ту ин қадар каллаварам! Ман ба дискотека — ҳозиразамон ва машҳур мешавам!

Рӯзи хунуки зимистон. Ва боз ду нафар аз даромадгоҳ мебароянд.

— Ту ба куҷо? — мепурсад яке.

— Ба калисо. Имрӯз якшанбе.

— Дар ҳамин хунукӣ? Ту ин қадар каллаварам! Ман ба сноубордсаворӣ — обутобёфта ва солим мешавам!

Солҳои зиёд гузаштанд. Як рӯзи офтобӣ аз даромадгоҳ ду пирамард баромаданд, базӯр то харак кашола шуда рафтанд, дар бари якдигар нишастанд.

— Эҳ, пир шуда ба ҳеҷ кас лозим нашуда мондам… умр тез гузашт, — шаф-шаф карда гуфт яке. — аммо ба ёдам ҳаст, ки як вақтҳо ман футболбозӣ мекардам, бозингари якум будам, дар дискотека рақкоси якум ва дар сноубордсаворӣ ҳам аз ҳама беҳтар… Хайр, ба ҳеҷ кас лозим нашуда мондам, аммо чизҳои ба хотир овардани ҳаст. На ин ки ту! Чӣ хел ту каллаварам!

— Охир чаро? Ман ҳам чизҳои ба хотир овардани дорам. Ёд дорам, дар калисо — дар парастиши кӯдакона ба ман гуфта буданд, ки Худо маро дӯст медорад. Ёд дорам, ки дар хори калисо суруд мехондам.

Мавъизаҳои хеле зеборо ёд дорам ва ёд дорам, ки чӣ тавр дар яке аз онҳо садо дод — Худо ҳеҷ гоҳ маро тарк намекунад, ва илова бар он, шунидам, ки одами зоҳирии мо кӯҳна, аммо ботинии мо нав мешавад ва дар осмонҳо барои ман хона ва мероси абадӣ омода карда шудаст. Аммо барои ҳама чизро ба ёд овардан — вақт намерасад, — буд ҷавоб.

Вақте ки онҳо гап мезаданд, дар назди харак мошине истод.

— Нигоҳ кун, барои касе мошин омад, — ғамгинона оҳ кашид яке.

— Ин барои ман. Имрӯз якшанбе, вақти ба калисо рафтан шуд. Охир бе ман чӣ хел парстиш мешавад? — табассум кард дигаре.

# ҒАЙБАТ

Дар боғчаи кӯдкон Лера суратро рангубор мекард. Ба назди ӯ Степан давида омад, қаламро аз дасти ӯ кашида гирифт ва гуфт:

— Занбӯруғи зери арчаякро равшантар кардан лозим аст!

— Ин ранги ман! — ранҷида дод зад Лера ва мураббияро чеғ зад: — Мария Николаевна, Степка ба ман халал мерасонад!

Степа ба назди писараке омад, ки номаш Алёша буд ва гуфт:

— Рост аст, ки Лерка бадҷаҳл?

— Боз бахил, — розӣ шуд Алеша, — ва боз хабаркашӣ мекунад.

Якҷоя Степа ва Алеша ба Витя муроҷиат намуданд:

— Медонӣ, чӣ хел Лерка бахил, бадҷаҳл ва хабаркаш аст, — сухани якдигарро бурида ӯро бовар кунонданӣ мешуданд онҳо.

— Ҳа? — ҳайрон шуд Витя. — Ман ҳатто намедонистам. Аммо ӯ маро ба рӯзи таваллудаш даъват кард. Чӣ кор кунам?

— Чӣ хел чӣ кор кунам? Ба хонааш нарав!

Дугонааш, Кристина, ба рангубор нигоҳ карда, гуфт:

— Оҳ, чӣ хел корат зебо шудааст!

— Мехоҳӣ, тӯҳфа кунам? — хурсанд шуда, пурсид Лера.

— Хеле ҳам мехоҳам!

Лера расми худро ба Кристина дод, ва ӯ ба вай гуфт:

— Ман бошам рақс карданро меомӯзам. Ҳозир дар машқҳо валсро омӯхта истодаам.

— Оҳо! Ман ҳам рақс карданро ёд гирифтан мехостам,— гуфт Лера.

Аз кунҷи дигари хона Степа, Алеша ва Витя ба духтарон бо шубҳа нигоҳ мекарданд.

— Лерка ба Кристина дар бораи мо боз ягон чизи бад гуфта истодааст, — қарор дод Витя.

— Албатта, охир онҳо ғайбатчӣ ҳастанд, — ғур-ғур кард Степа.

Ҳамаи инро Мария Николаевна медид ва мешунавид. ӯ ба назди писаракон омад ва ба онҳо хеле ҷиддӣ гуфт:

— Одамони хуб барои сӯҳбат ҳамеша мавзӯи сазовор меёбанд, аммо бадон танҳо дар бораи дигарон гап зада метавонанд. Ман сӯҳбати шуморо шунидам, ва шуморо одамони нек гуфта наметавонам.

Степан ба шӯр омад:

— Лерка чӣ — ин қадар бадқаҳр, ба сарам дод зад? Ман ба ӯ ёрӣ додан мехостам, то ки занбӯруғ зеботар шавад!

— Лерка бошад хабаркашӣ мекунад? — илова кард Витя.

— Аммо чаро Лерка — бахил аст? Ва боз бо Кристина дар бораи мо хабаркашӣ мекунад! — шӯрид Алеша.

Ҳамин лаҳза ба назди мураббия ва бачаҳо Кристина ва Лера омаданд.



— Мария Николаевна, Кристина рақс карданро ёд гирифта истодааст, — гуфт Лера. — ӯ дар ин бора ҳозиракак ба ман нақл карда истода буд.

— Бодича! — ғур-ғур кард Алеша.

Витя ногоҳ сарашро хам кард, аз назди дӯстонаш дур шуд ва аз Лера пурсид:

— Ба рӯзи таваллуди ту кай равам?

# САРГУЗАШТ

Кирилл ба назди Дима ба меҳмонӣ омад ва ӯро сар ба китоб фурӯрафта дид.

— Чиро мехонӣ? — пурсид Кирилл.

— Детектив, — Дима сарашро бардошт ва бо чашмони сухангӯй ба Кирилл нигоҳ кард.

– Дар он ҷо чунин гардишҳо, моҷароҳо ва чунин суперқаҳрамон! — гуфта тассуроташро нақл кардан гирифт.

— Дар бораи чӣ гуна одамон менависанд! Онҳо ба заифон ёрӣ мерасонанд, ба дӯстони худ хиёнат намекунанд, аз гуфтани гапи рост наметарсанд! Олӣ!

Кирилл ба назди ҷевони китоб омад ва, рафҳои пур аз китобро аз назар гузаронда, гуфт:

— Ту китобхонаи калон дорӣ.

— Ҳа, ва ман қариб ҳамаашро хондам. Ту ҳам бисёр мехонӣ?

— Кӯшиш мекунам, ки ҳар рӯз хонам, — ҷавоб дод Кирилл.

— Чиро хондӣ? — кунҷковӣ карда, пурсид Дима.

— Китоби Муқаддасро.

Дима ханда кард:

— Анаю мана! Ман китобҳои шавқоварро мехонам, дар онҳо чунин саргузаштҳо ҳастанд-кӣ! Муаллифо-

ни аз ҳама пешрафта навиштаанд. Аммо ту фақат як Китоби Муқаддасро хондаӣ?

— На танҳо. Ба ғайр аз Китоби Муқаддас, ман, мисли ту, бисёр чизҳоро хондаам, аммо маҳз ба ҳамин китоб баргаштан мехоҳам. Дар он ҳама чиз ҳақиқӣ аст. Бофта бароварда нашуда, — гуфт Кирилл.

— Саргузаштҳо ҳам ҳастанд?

— Саргузаштҳо ҳам ҳастанд. Аммо пурмаъно, на фақат барои шавқангезӣ.

— Боз бо кадом маъно?

— Тамоми саргузаштҳои Китоби Муқаддас на барои дилхушии одамон, балки барои наҷот додани онҳо оварда шудаанд. Ҳама чизе, ки он ҷо навишта шудааст, — дар бораи муҳаббат ва балоҳо, дар бораи хурсандӣ ва ашкҳо, дар бораи саргузаштҳо — ҳама чиз барои наҷот додани одамон аст. Охир муаллифи Китоби Муқаддас Худи Худост! Ӯ ҳама чизро офарид, ва танҳо ӯ медонад, ки ба одам ҳақиқатан чӣ лозим аст.

— Аммо Китоби Муқаддас — китоби кӯҳна аст. Агар фақат онро хонӣ, аз тараққиёт ақиб мемонӣ! — шубҳаашро баён кард Дима.

Дар ҳамин ҷо Кирилл ханда кард:

— Китоби Муқаддас, албатта, китоби кӯҳна аст ва аз ҳамон давраҳои қадим тамоми чизҳоеро, ки ба одам зарур мебошанд, нигоҳ дошта омадааст, ки барои ӯ ҳамчун як чизи аз ҳама муҳимтарин ва асоситарин асрҳо боқӣ мемонанд. Ана барои чӣ Китоби Муқаддас китоби аз ҳама пешқадам аст!

Баъд аз ин суханҳо Дима хап шуд ва ба фикр фурӯ рафта, гуфт:

— Агар фаҳманд, ки ман ба хондани Китоби Муқаддас шурӯъ кардам, ҳама ба ман механданд.

— Ту дар куҷо аз «ҳама» тарсиданро ёд гирифтӣ? Вале медонӣ, ки чӣ одамро наҷот медиҳад, аз он ҷумла аз тарс ҳам?

Худотарсӣ! Аз Худо тарсида истода, ту на аз он чизҳое, ки одамон дар бораи ту мегӯянд,, балкӣ аз он чиз метарсӣ, ки Худоро наранҷонӣ. Худотарс хоин намешавад, заифро ҳимоя мекунад ва гапи рост мегӯяд. Чаро суперқаҳрамон набошад?

— Аммо чаро дар китобҳо менависанд, ки Худо нест?

— Дар китобҳои аблаҳона ҳоло ҳар чиз менависанд, аммо онҳоро хондан чӣ лозим?

— Ана ту дар бораи наҷотёбӣ гап зада будӣ. Охир мо бояд аз чӣ наҷот ёбем? — пурсид Дима.

— Аз ҳама чизи муваққатӣ, гузаранда, аз он чизе, ки моро чун тори тортанак печонда фурӯ мебарад, ва барои бо Худо муоширát кардан халал мерасонад.

Монанди ин детективҳои ту, ки аз онҳо дил кандан намешавад.

— Рости гап, ман кӯшиш карда будам, ки Китоби Муқаддасро хонам, аммо на танҳо ягон чизи шавқоварро дар он ҷо наёфтам, балкӣ бисёр чизҳоро нафаҳмидам. Моҷароҳо он тараф истанд…

— Аммо ту ба назди ман биё, якҷоя мехонем, — рафтанӣ шуда, пешниҳод кард Кирилл.

— Ҳатман меоям. Инро бинед-а, моҷаро бар сари ман ҳам омад, — хандида фиристод Дима.

— Чӣ хел моҷаро? — ҳайрон шуд Кирилл.

— Ҳақиқӣ. Ту ба хонаи ман даромадӣ, ва ман на дар бораи зиндагие, ки дар китобҳо менависанд, балкӣ дар бораи зиндагии худ фикр кардам.

# КӮПРУК

Дар ким-кадом салтанат, дар ким-кадом мамлакат, буд набуд як подшоҳи хуб буд. Саховатманд, нек ва далер. Подшоҳии ӯ ба дуриҳои беканор паҳн мешуд. Тобеъони подшоҳи хуб дар сериву пурӣ, қаноатмандӣ ва дар фаровонӣ зиндагӣ мекарданд. Онҳо мебофтанд, либос медӯхтанд, аз майдонҳо ва боғҳо ҳосили зиёд мегундоштанд, ва подшоҳ ба тобеъонаш либосҳои зебои аз пашми гӯсфанд дӯхташударо тӯҳфа мекард, ки дар чарогоҳҳои подшоҳ чарида мегаштанд.

Пашми ин гӯсфандон монанди абрҳо мулоим ва сафед буд. Ва ҳар қадаре, ки подшоҳ хушбахт ва осуда бошад, ҳамон қадар пашми гӯсфандони ӯ, ки, ба назди ғозкунак омада, худашон худашонро шона мекарданд, нафистар мешуд. Ҳа, ин дастгоҳ ҳамин тавр номида мешуд — «ғоздиҳак».

Сокинони ин давлат подшоҳи худро дӯст медоштанд ва ба назди ӯ танҳо ҳамон вакт меомаданд, ки либосҳои худашонро нав кардан мехостанд, балкӣ ҳамту ҳам меомаданд, то ки барои бо онҳо буданаш, ва барои он, ки ӯ ин қадар меҳрубон аст ва ҳамаро ин қадар хуб мефаҳмад, миннатдорӣ баён кунанд.

Ҳаёти хушбахтона дар подшоҳӣ беохир давом мекард, аммо боре аз подшоҳии дурдасти cояҳо аждҳори бераҳм парида омад, ки ҳамеша ба подшоҳ ҳасад мебурд. Ҳасад мебурд, ки ҳама ӯро ин қадар дӯст медоранд ва ӯ чунин гӯсфандони фарбеҳу серпашми зебо дорад.

Аждаҳор, мехост, ки гӯсфандонро ба сокинони подшоҳӣ диҳанд. Бигузор онҳо гӯсфандонро мехӯранд, ва он гоҳ либоси пашмин ба даруни онҳо медаромад ва ҳамеша дар ҳамон ҷо мебуд. Онро нав кардан лозим намешуд ва, мувофиқи ин, подшоҳро бо ташрифҳои худ нороҳат кардан лозим намеомад. Аждаҳор боварӣ дошт, ки подшоҳ қасдан гӯсфандони худро ба тобеъонаш тақсим намекунад, зеро мехоҳад, ки ҳама ба назди ӯ омада аз ӯ, подшоҳ, ба ваҷд оянд. Ин аждаҳори баду ҳасадхӯр ҳамин тавр фикр мекард. Ана барои ҳамин ҳам ӯ аждаҳор ном дошт.

Аммо сокинони подшоҳӣ, ба таассуфи аждаҳор, тамоман намехостанд, ки гӯсфандон ба онҳо тақсим карда шаванд.

Онҳо аз имконияти бо подшоҳ муоширaт намудан хурсанд буданд, ва пашми тӯҳфакардашудаи гӯсфандонро ҳамчун шаҳодати муҳаббати подшоҳ ба тобеъони худ қабул мекарданд.

Он гоҳ аждаҳори бад боз як бори дигар аз подшоҳии cояҳо парида омад, нафаси оташин баровард, ва ҷари бузурге подшоҳиро ба ду қисм ҷудо кард. Дар як қисмаш тобеъони подшоҳ зиндагӣ мекарданду дар қисми дигараш — подшоҳ ва аҳли рикоби ӯ. Ин ҷарӣ аз оби лойолуд пур шуд, ки аз қаъри он баромада буд. Ва одамон дигар ба назди подшоҳ омада наметавонистанду подшоҳ дигар бо одамон муошират кардан наметавонист.

Аждаҳор дар болои подшоҳии тақсимкардашуда парвоз мекард ва механдид.

— Бе подшоҳ амал карданро ёд гиред! — фарёд мекард ӯ ба тобеъони собиқ. — Барои худ хурсандиҳои дигар фикр карда ёбед!

Тобеъони собиқи подшоҳ аз ҳисоби он либосҳое рӯз мегузаронданд, ки аз давраҳои пеш, вақте ки онҳо осудаву хушбахтона зиндагӣ мекарданд, дар дасташон монда буд.

Гӯсфандон пашми сафеду абросояшонро шона намекарданд, ки подшоҳро хеле ғамгин мекард, аммо ӯ тан надод, ва нақшаеро фикр карда баромад, ки ба барқарор кардани муошарати кандашуда бо тобеъон имконият медод. Моҳияти ин нақша дар он буд, ки кӯпрук сохта шавад.

Ва инак кабӯтари номабар боре ба одамон нақшаи муфассали наҷотёбӣ ва лоиҳаи кӯпрукро оварда расонд. Кор сар шуд. Танҳо омодатаринҳо, нотарсону содиқон, танҳо интихобшудагон дар ин лоиҳаи бузург иштирок карда метавонистанд, аммо тобеъоне, ки ба сохтумони кӯпрук даромада натавонистанд, либосҳои сафедду абросои худро ба онҳое, ки меҳнат мекарданд, медоданд. Кор чиркин буд: арғамчин мебастанд, сутун мекӯфтанд, барои пояҳо чуқурӣ мекофтанд. Баъд аз ҳар як навбати корӣ дуру дароз баданро шустушӯ ва тоза кардан лозим буд.

Аз ин гурӯҳи одамони аз тарс дур аз ҳама далертаронро интихоб карданд. Онҳо бо завракҳо ба соҳили дигар гузаштанд, то ки дар он ҷо ҳам корҳои сохтмониро пеш баранд.

Аксарияти онҳо мурданд, аммо онҳое, ки баргаштанд, хабарҳои хуш оварданд, ҳамаи он чизҳоеро, ки



аз худи подшоҳ шунида буданд, нақл карданд. Солҳо мегузаштанд, тобеъон сохтани кӯпрукро давом медоданд, ва инак лаҳзае фаро расид, ки дар таги ҷари чуқур барқарор кардани сутунҳо лозим шуд. Иҷро кардани ин амалиёти хавфнокро худи подшоҳ ба зима гирифт. Ӯ нафраташро ба оби бадбӯе, ки ҷариро пур карда буд, бартараф карда, ба қаъри он фаромад ва дар он ҷо бо хизматгорони хашмгини аждаҳор рӯ ба рӯ шуд.

Онҳо ба подшоҳ ҳамла мекарданд, механдиданд ва масхара мекарданд. Аммо ҳеҷ чиз ба подшоҳ халал расонда наметавонист. ӯ кореро, ки барои он ба ҷарӣ фаромада буд, иҷро кард: сутунҳоро мустаҳкам кард, ва гирдоби торик ӯро ба комаш накашид.

Вақте ки бинокорони кӯпрук, ки бо тарс аз қаъри ҷарӣ баргаштани подшоҳро интизор буданд, ӯро зиндаву саломат диданд, аз хурсандӣ мӯҳтоҷиҳои худро фаромӯш карданд. Қуввати онҳо дучанд шуд.

Бо ғайрати зиёд онҳо боз ба кор часпиданд.

Оқибат кӯпрук сохта шуд, кушодашавии он дар таърихи подшоҳӣ воқеаи барҷсатае шуд. Акнун одамон метавонистанд барои либосҳои нави аз пашми сафеди абросо дӯхташуда, ба пеши подшоҳ оянд ва онҳоро аз дасти худи подшоҳ бигиранд. Медонед, кӣ якум шуда аз кӯпруки нав гузашт?

Одаме, ки либосҳояш ба дараҷае фартут шуда буданд, ки аз лой сиёҳтар буданд. ӯ зоҳиран ва дар амал ҳам ба роҳзан табдил ёфта буд, бадқаҳр ва берaҳм буд.

Сели одамони аз кӯпрук гузаштаистода ба охир намерасид. Ва танҳо як гадои ҷандапӯш беҷуръат нигоҳ карда, меистод, ки чӣ тавр одамони озодапӯш бо ҳадьяҳо ба назди подшоҳ мешитобанд.

— Туро чӣ нигоҳ дошта истодааст? — ба гадо муроҷиат кард яке аз роҳгузарҳо.

Гадо ҷавоб надод ва танҳо хоҳиш кард:

— Дар бораи ман ба подшоҳ нақл кун.

Пас аз чанд рӯз роҳгузар ба қафо бармегашт ва худи ҳамон гадоро дар назди кӯпрук дид.

— Медонӣ, ман барои ту хабари хуш дорам: подшоҳ фармуд гӯям, ки дар бораи андӯҳ ва бенавоии ту хабар дорад ва туро интизор аст.

Гадо хурсандшуд ва бо эҳтиром ба кӯпрук по гузошт. То мобайн нарасида буд, ки аз пасаш нидоҳои хашмгинро шунид. Аз паси ӯ одами ҷавоне бардам ба пеш қадам партофта, расида меомад.

— Маълум шуд, ки, — ғур-ғур мекард одами расида омада, — ба назди подшоҳ бо ин намуди бенигоҳубин ва бо дастони холӣ ҳам рафтан мумкин будааст.

Ҳамин лаҳза ҷавонмард айнан бо гадо баробар шуд ва мехост аз ӯ пеш гузарад, аммо пеши роҳи ҳар дуяшонро ду посбони подшоҳ гирифтанд.

— Ту чӣ хел ҷуръат кардӣ, ки ба пеши подшоҳ бе либоси идона равӣ? — ҷарангос зад овози посбон.

Гадои ҷандапӯш ғамгин шуд ва ба қафо гашт, то ки аз кӯпрук бозпас гурезад. Аммо аз пасаш садоеро шунид:

— Ист, оҷизу бенаво, подшоҳ туро интизор аст. Ӯ дард ва бенавоии туро медонад. Аммо ин сохтакорро пас мегардонем.

Ва ҷавонмард пас гардонда шуд, аммо гадо, аз кӯпрук гузашта, бо зинапояи баланду сафед ба назди тахти подшох баромад ва, ба подшоҳ таъзим карда, гуфт:

— Ман аз роҳи дур ба назди ту омадаам. Аз байни тӯфонҳо, жола ва офтоби сӯзон. Маро бубахш, тамоми

либосҳоям даридааст ва сердоғ аст, аммо ин ҳама чизест, ки ман дорам.

— Ман туро интизор будам, — гуфт подшоҳ. — Ана либоси нави ту.

Ва подшоҳ ба мусофири хасташуда либоси гарму сафеди абросо дод.

# БОБОИ БАРФӢ

Дар арафаи шаби соли нав кӯдакони як шаҳри хурдакак хоб набуданд. Онҳо Бобои Барфиро интизор буданд. Ҳар як кӯдак дидан мехост, ки чӣ тавр ӯ тӯҳфа меораду онро ба зери арча мегузорад. Албатта, Бобои Барфӣ инро нағз медонист. Ӯ маҷбур буд ҳилаҳои хурдеро ба кор барад: ӯ якчанд калимаҳои сеҳрнокро талаффуз мекард ва ба як вақти муайян майда мешуд.

Бобои Барфӣ бо чанаи худ, ки ба он се асп баста шуда буд, ба шаҳр омад, ва ҳоло ки ҳеҷ кас пай набурда буд, калимаҳои сеҳрнокро гуфту майдаяк шуд. Аспҳо, чана ва халтаи тӯҳфаҳои ӯ майда шуданд. Худи ӯ чунон майда шуда буд, ки ҳатто кӯдакони қадпаст ҳам бо душворӣ ӯро дида метавонистанд. Бинбар ин ӯ натарсида ба тирезаи яке аз хонаҳо даромад, аспҳоро дар зертахтаи тиреза нигоҳ дошт ва аз чана фаромад. Халтаи хурдакак вале серғунҷоишашро кофта, ӯ он чизеро, ки лозим буд ёфт, ва аллакай тайёр буд тӯҳфаро ба зери арча монад, аммо ҳамин лаҳза…

Оё Бобои Барфӣ тасаввур карда метавонист, ки аз зери арча ба вай саг дармеафтад? Албатта ӯ сахт тарсид, тӯҳфаро аздасташ афтонд ва давида ба сӯи чанаи худ рафт.

Аз ғалоғула писарак бедор шуд, аз кати худ парида хест, чароғро гиронд. Дар хона касе набуд. Писарак бо ҷаҳл ба замин пой зад ва гуфт:

— Инро бинед-а, махсус сагро ба зери арча мондам, ки аз омадани Бобои Брфӣ маро огаҳ кунад. Ин қадар ӯро дидан мехостам…

Аммо Бобои Барфии талхакафшуда як бало карда, тӯҳфаҳоро бурда расонду дар тараддуди хона рафтан буд. Калимаҳои сеҳрнокро баръакс, ҳамон тавре, ки лозим буд, талаффуз кард, то ки қаду басти пешинаашро баргардонад, аммо хурдакак монд. Маълум шуд, ки саг ӯро хеле сахт тарсондааст, ва калимаҳои сеҳрнок вайрон шуда, таъсир намекарданд.

Бобои Барфӣ асабонӣ шуд. Акнун чӣ мешавад? Пагоҳ кӯдакон бедор мешаванду дар зери арча тӯҳфаҳоро намебинанд. Охир барои он ки тӯҳфаҳо калон шаванд, бояд Бобои Барфӣ қаду басти пешинаашро барқарор кунад.

Саҳар омад, ва кӯдакон бедор шудан гирифтанд. Писарак ба назди арча омад ва, дар зери арча тӯҳфаро надида, гиря кард:

— Бобои Барфӣ ба ман тӯҳфа наовард! Ин барои он, ки ман аз фанни тарбияи ҷисмонӣ баҳои ду гирифтам.

Писараки дуюм бедор шуд, ба назди арча омад ва ба ҷаҳл омад:

— Тӯҳфаи ман куҷост? Бобои Барфӣ канӣ? ӯ чӣ, вазифаи худро намедонад магар?

Боз як писарак бедор шуд ва, ба зери арча нигоҳ карда, мағрурона гуфт:

— Лозим ҳам нест, ҳама чизеро, ки мехоҳам, худам мехарам!

Духтараке бедор шуд ва ба назди арча давида рафт. Тӯҳфаро надида, бо тарс гуфт:

— Бечора Бобои Барфӣ! Бо ӯ ягон фаокате рӯй додааст…

Пас аз фаро расидани соли Нав кӯдакони ин шаҳрак рӯзона дар майдони марказӣ, ки он ҷо арчаи аз ҳама калон ороста мешуд, ҷамъ мешуданд. Дар он ҷо онҳо хурсандӣ мекарданд, суруд мехонданду бозӣ мекарданд, тӯҳфаҳои аз Бобои Барфӣ гирифтаашонро таъриф мекарданд. Тасаввур кунед, ки ин дафъа онҳо дар бораи чӣ гап мезаданд? Ҳайрат, қаҳру ғазаби онҳо чӣ гуна буд?..

Аммо Бобои Барфии бечора тамоми ин вақт дар зери арчаи аз ҳама калони майдон ором менишаст, ва ҳамин тавр хеле ҳам менишаст, аммо аспҳои ӯ аз як ҷо истодан хаста шуданд, пойҳояшонро монугир мекарданд, ва аз ин кори онҳо зангӯлаи дӯғаи афзоли аспҳо ҷарангос мезад. Кӯдакон ин ҷарангосро шуниданд ва ба зер арча нигоҳ карданд. Як писарак чанаи бозичагинро бо аспҳои бозичагин ба даст гирифта, гуфт:

— Нигоҳ кунед, дар чана Бобои Барфии хурдакак! Шавқовар, оё дар халтаи ӯ тӯҳфае ҳаст, — бо ин суханҳо ангуштони хурдашро ба халтаи Бобои Барфӣ даровард.

Писараки дигар аз риши бобои Барфӣ кашид ва гуфт:

— Охир вай ҳақиқист! Ришаш ҳам ҳақиқӣ!

Боз як писарак гуфт:

— Биёед ӯро гашта ба зери арча мемонем. Бе тӯҳфа ӯ ба кӣ даркор?

Танҳо дили духтараке, ки дар наздикӣ меистод, ба Бобои Барфии бозичагин сӯхт:

— Бачаҳо, агар ӯ ба шумо лозим набошад, он гоҳ мумкин аст, ки ман ӯро гирам?

— Бигир, — розӣ шуд писараке, ки халтаи Бобои Барфиро аз назар гузаронда буд. — Ба ҳар ҳол дар он ҷо ҳеҷ чиз нест. Ман тафтиш кардам.

Ҳамаи кӯдакон хона ба хона рафтанд, зеро вақти хӯроки нисфирӯзӣ расида буд. Духтарак Бобои Брфии аз тарс ларзидаистодаро эҳтиёткорона дар дасташ медошт ва фикр мекард, ки чӣ тавр ӯро ором кунад.

— Натарс, ман туро ба хона мебарам, — гуфт ӯ. — Модари ман ба ту ва аспҳои ту хӯрок медиҳад. Ту дар хонаи мо чӣ қадаре ки лозим шавад зиндагӣ кардан метавонӣ.

Бобои Барфӣ аз ин суханҳо ором шуд ва дигар забонаш намегирифт. Ӯ калимаҳои сеҳрнокро талаффуз карда тавонист ва гашта калон шуд. Аспҳояш ва халтаи тӯҳфаҳояш низ калон шуданд. Худи ҳамон лаҳза дар зери арчаҳои бачаҳо тӯҳфаҳои калони ҳақиқӣ пайдо шуданд. Онҳоро меёфтанд ва ниҳоят хурсанд мешуданд. Аммо танҳо Бобои Барфӣ зиқ шуд. Наход ки ба кӯдакон фақат тӯҳфаҳои ӯ лозим бошанд, фикр мекард ӯ.

Дар солиНави оянда Бобои Барфӣ боз ба кӯдакон тӯҳфа меорад, ба ҳама: ҳам ба гапдароён, ҳам ба саркашон ва ба онҳое, ки дар мактаб хуб мехонанд ва ба онҳое, ки на он қадар. Ҳама чиз мисли ҳарвақта мешавад. Аммо ба ҳар ҳол як ҳодисаи ғайриодӣ дар ин шаҳрак рӯй медиҳад. Тобистон ногаҳон барф меборад. Ҳама дар бораи ким чӣ хел ҳодисаҳои ғайриқонунӣ дар атмосфераи замин гап мезананд.

Ва танҳо ба духтараки меҳрубон сабаби аслии ин ҳодисаи ғайриоддӣ маълум мешавад. Тобистон бо се аспи ба чанааш басташуда ба рӯзи таваллуди ӯ Бобои Барфӣ меояд. Ба муддати кӯтоҳ, танҳо барои он, ки тӯҳфаро ба ӯ супорад.

# РАҚАМИ ҲАФТ

Буд набуд як подшоҳи хуб буд, ки чанд сол боз рӯзи таваллудашро қайд намекард. Одамони бисёр ба ӯ кор ва хизмат мекарданд ва барои ин мукофот мегирифтанд. Онҳо аз рӯи виҷдон меҳнат мекарданд, ва мукофоти калон арзанда буд. Аммо подшоҳ сол ба сол ғамгинтару ғамгинтар мешуд. Ӯ мехост, ки ӯро на барои мукофот, балкӣ ҳамту, мисли он ки одамони оддӣ якдигарро дӯст медоранд, дӯст доранд. Ва боз подшоҳ мехост донад, ки оё ӯ дӯстони ҳақиқӣ дорад ё не. Ва инак боре подшоҳ эълон кард:

— Ман мехоҳам тобеъони ман донанд, ки рақами ҳафт барои ман махсус аст. Он касе, ки сирри ин рақам ва барои ман чӣ аҳамият доштани онро ошкор кунад, мукофоти то ҳол диданашуда мегирад: ба одами ошкоркарда ман дили худро медиҳам. Ҳар нафари хоҳишманд фикри худро баён карда метавонад.

Тобеъони подшоҳ сахт ба ҳаяҷон омаданд ва дарҳол ба тахминкунӣ сар карданд. Яке аз онҳо рақами ҳафтро дар вараќи картон кашид ва онро аз назар гузарондан гирифт. Дигаре ришашро дошта, пурмаъни гуфт:

— Ба фикрам, таҳқиқоти чуқури илмии рақами ҳафтро гузарондан лозим аст.

Дар гирди картонча гурӯҳи донишмандон ҷамъ шуданд. Онҳо фикрҳои худро баён мекарданд:

— Ин рақам шакли аҷоиб дорад, ва бо чизе ба салиб монанд аст.

— Ҳа, ин шакл аниқ бобарор аст…

— Аммо, ба фикрам, ман аллакай ёфтам, ки ин рақам чӣ хусусият дорад! Онро ба се ва чор тақсим кардан ва, мувофиқи қонуни ҷодуи рақамҳо, дорои қувваи бемисл шудан мумкин аст!

— Ҳайратангез! Аммо, дӯстон, ман мебинам, ки хусусият — як чизи дигар аст! Нигоҳ кунед: агар ин рақамро чаппа кунем, он гоҳ ҳарфи калони англисӣ мешавад!

— Ҳайратангез! Аммо ба фикри ман…

— Ба назаратон чунин наменамояд, ки мубоҳисаи шумо тӯл кашид, — гапи мубоҳисонро бурид подшоҳ. — Акнун хоҳишмандам пароканда шавед.

— Оё подшоҳ ба ман иҷозат медода бошанд, ки танҳо якчанд сухан гӯям? — тобеъи аз ҳама назарногире бо фурӯтанӣ дар пеши тахт сари таъзим фуруд овард.

— Хайр, марҳамат карда, гап зан, аммо бисёр не, — афсӯс хӯрда, гуфт подшоҳ, ки мулоҳизаҳои донишмандони дарборӣ ба ӯ бе шубҳа маъқул нашуданд.

— Ба назарам, ва ман ба ин қариб ки боварӣ дорам: санаи ҳафтум подшоҳи меҳрубони мо — рӯзи таваллуд доранд. Оё ман бо иҷозати шумо, барои дар ин рӯз ташкил кардани ид кӯмаке карда метавонам?

Подшоҳ ба сухангӯй назар афканд ва табассум кард:

— Ҳамин аст ҷавоби муаммои ман. Рақами ҳафт дар ҳақиқат барои ман аҳамияти зиёд дорад. Санаи ҳафтум ман таваллуд шудам, санаи ҳафтум модари ман модар

шуд, падари ман бошад, падар шуда, худро хушбахт ҳис кард. Санаи ҳафтум волидони волидони ман бобою момои хушбахт шуданд. Ҳар сол санаи ҳафтум ид буд, зеро ин рӯз дар атрофи ман одамони азиз ҷамъ меомаданд. Мутассифона, онҳо нестанд — ва идҳо ҳам қатъ шуданд. Аммо ин сол ид барпо мегардад, ва мизи идона ороста мешавад.

# ПИСАР

— Модарҷон, мумкин аст ман рафта сайр кунам? — пурсид Павлик.

— Мумкин, — ҷавоб дод модар, — фақат, илтимос, соати шаши расо аз кӯдакистон хоҳаракатро гирифта биё.

Павлик дар кӯча ба рафиқонаш футболбозӣ мекард. Соати шаш ӯ ба рафиқонаш гуфт:

— Вақти аз боғча овардани хоҳаракам шуд.

Рафиқонаш мағал бардоштанд:

— Биё боз як соати дигар бозӣ кунем, агар дертар гирӣ ҳам ҳеҷ чиз намешавад!

Баъд аз ним соат модари Павлик ба ҳавлӣ баромад ва писараашро чеғ зад:

— Ту чӣ, Паша, то ҳол хоҳаратро наовардаӣ?

Акнун худам барои вай меравам. Аммо ту соати ҳашт дар хона бош. Дарсҳоятро дар вақташ иҷро кардан лозим.

Паша ба хона дер омад. Дарсҳояшро, албатта, иҷро карда натавонист.

Рӯзи дигар рафиқонаш ба Паша пешниҳод карданд, ки пас аз мактаб ба кино раванд. Паша аз модараш иҷозат пурсид, ва модараш гуфт:



— Рав, писаракам. Аммо фақат ба мултфилмҳо. Ман шунидам, ки филми нав барои калонсолон аст, кӯдакон бояд онро тамошо накунанд.

Паша бо гурӯҳи худ дар назди кинотеатр вохӯрд. Рафиқе, ки барвақт гирифтани билетҳоро ваъда дода буд, гуфт:

— Ба мултфилмҳо билет набудааст, биёед ба филми нав меравем. Мегӯянд, ки он шавқовар аст!

Паша зиқ шуд:

— Охир тамошо кардани ин филмро модарам ба ман манъ кард.

Рафиқонаш хандиданд:

— Охир ӯ ҳатто намфаҳмад! Аммо агар фаҳмад ҳам чӣ мешавад, охир барои ҳамон модар аст, ки фарзанди худро фаҳмад.

Паша ба рафиқони хандидаистодааи худ нигоҳ кард ва модаршро ба хотир овард. Чӣ тавр ӯ кӯшиш мекард, ки ӯро зеботар пӯшонад ва аз чизи бомаза сер кунад, чӣ тавр, вақте ки ӯ бемор буд ва шабона аз таби баланд бедор мешуд, ғам мехӯрд. Ба ёд овард, ки модараш ба ӯ китоб мехонд…

Аммо ин рафиқонаш барои ӯ чӣ кор кардаанд, ки гапи онҳоро аз гапи модараш бисёртар гӯш кунад? Оё онҳо, агар ӯ хунук хӯрад ё ин ки тамоман чизе нахӯрад, ғам мехӯрда бошанд?

Паша ба гурӯҳи рафиқонаш нигоҳ кард ва бурро гуфт:

— Не. Модарам хоҳиш кард, ки ман ин филмро тамошо накунам.

# ДАР АВТОБУС

Пиразане дар истгоҳи автобус меистод. Автобус омад, аммо дараш рӯ ба рӯи ӯ наистод.

Пиразан маҷбур шуд то дар чанд қадам пеш равад.

— Чӣ хел одами бераҳм! Намебинад, ки одам дар кучо истодааст? Магар дар ҷое, ки даромадани мусофирон қулай бошад, истодан душвор аст? — ба автобус даромада истода, ғур-ғур мекард.

Автобус қариб холӣ буд, ҷойҳои холӣ кифоя буданд. Дар курсиҳои пеш ду писарак бо шавқ гуфтугӯ мекарданд. Диққати онҳоро мошинҳои аз пешашон гузаштаистода ҷалб мекарданд.

Пиразан бо ин суханҳо наздик шуд:

— Аз ин ҷо равед. Мебинед, чӣ навишта шудааст: барои пирон ва маҷрӯҳон. Бинобар ин хеста, ба пиразан ҷой диҳед. Ин ҷавонҳо пиронро ҳурмат намекунанд. Кӣ онҳоро таълим медода бошад! Дағалон, авбошон…

Писаракон хап шуданд ва, ягон чиз нагуфта, ба ҷойҳои дигар гузаштанд.

Автобус дар пеши монеаи ногаҳон пайдошуда сахт тормоз дод, ва пиразан, пеш рафта, ба дастгирак рафта зад.

— Магар ҳезум бурда истодаӣ? Чӣ тавр ба ин хел одамон ҳуҷҷати ронандагӣ медиҳанд? Роҳзан, ҷиноят-

кори гузаро! Маро захмӣ кардӣ, ман туро ба суд медиҳам! — пиразан чунон дод мезад, ки мусофирон тарсиданд.

Мусофирон ба тарафи баромадгоҳ рафтанд, дар ин истгоҳ на ба ҳама фаромадан лозим буд, аммо бо пиразани додзадаистода дар автобус нишастан ба ҳар кас маъқул нест. Ду писарак — дӯстдорони мошинҳои хориҷӣ ҳам дар истгоҳи наздиктарин фаромаданӣ шуданд. Аммо пиразани ҷанҷолӣ аллакай дар зинапоя ба онҳо расида гирифт, тела медод, дод мезад, ки дар баромадгоҳ бисёр наистанд. Писаракҳо ба пиразан роҳ доданд. Дар истгоҳ ҳама аз автобус баромаданд, пиразан дар истгоҳ ҳоло ҳам ғур-ғур мекард. Ҳар чизеро, ки дар бораи одамони бераҳм фикр мекард, гуфт ва ба тарафи хонаи баланлошёна раҳсипор шуд.

Писаракон ором истода, автобуси дигарро интизор буданд, ки, оқибат, аз дурӣ намоён шуд. Худи ҳамин вақт ба истгоҳ боз як пиразан кашола шуда омад. Дарҳои автобус дар муқобили ӯ кушода нашуданд ва ӯ барои савор шудан шитоб кард. Дар назди дарҳо ӯ ба писаракон роҳ дода, гуфт:

— Шумо, ҷавонон, пеш равед, боло шудани ман вақти зиёдро мегирад. Вақти шуморо гирифтан намехоҳам.

Писаракон ба ҳамдигар нигоҳ карданд ва якҷоя гуфтанд:

— Набошад мо ба шумо ёрӣ мерасонем!

— Оҳ, ташаккур, бачаҳо, — хурсандона гуфт пиразан, — шумо чӣ қадар меҳрубон ҳастед.

Автобус раҳсипор шуд ва ногаҳон сахт тормоз дод. Пиразан бо дастонаш ба дастгирак часпид.

— Оҳ, аз афташ ягон ҳодиса шуд, — ба ҳаяҷон омад пиразан ва, ба ронанда муроҷиат карда, пурсид: — Ту чӣ хел, азизам? Асосаш, ғам махӯр ва асабонӣ нашав.

Ана дар шаҳр мошин чӣ қадар бисёр шудааст. Имрӯз ба ронандагон кор кардан душвор аст.

Писаракон ба сӯи баромадгоҳ шитофтанд, пиразан ҳам шитоб кард. Дар назди дар онҳо вохӯрданд, пиразан бо ин суханҳо писараконро ба пеш гузаронд:

— Шумо, бачаҳо, давед, ман дер поён мефароям.

Писаракон ба якдигар нигоҳ карда, якҷоя гуфтанд:

— Набошад мо ба шумо ёрӣ медиҳем!

Ҳар се аз автобус фаромаданд, ва пиразан гуфт:

— Шумо чӣ хел хуб ҳастед, бачаҳо! Бишгузор Худо ба шумо мадад кунад!

Ин писаракон бошанд, ба машқи хори калисо мерафтанд. Ва, вақте ки бо роҳбари хор вохӯрданд, худи ҳамон лаҳза дар бораи ду пиразан нақл карданд, ки дар нақлиёт бо онҳо рӯ ба рӯ шуда буданд.

— Дар Инҷили Юҳанно дар бобати он чиз калимаҳое ҳастанд, ки ӯ, яъне Исои Масеҳ, бояд бузург шавад, аммо ман, яъне одам, хурд шавам, — гуфт роҳбари хор. — Пиразани якум, ки шумо вохӯрдед, аз афташ, тамоми умр ғами худро хӯрдааст, яъне худаш калон шудааст, аммо пиразани дуюм кӯшиш мекард қисми зиёди фазои шахсии худро барои Исои Масеҳ ҷудо кунад, яъне худаш хурд мешуд. Шумо дар бари чӣ гуна одамон будан мехостед?

— Бо онҳое, ки дар онҳо Масеҳ бузург мешуд! — бо боварии комил гуфтанд писаракон.

— Ва дар ҳақиқат, одамоне, ки танҳо дар бораи худ фикр мекунанд ва дар онҳо барои Исои Масеҳ ҷое ёфт нашудааст, на он қадар маъқул ҳастанд.

# ТОРТ

Иди калоне пешбинӣ шуда буд. Модар пешакӣ рӯйхати хӯрокҳои мизи идонаро ба нақша гирифт ва маҳсулоти аз ҳама беҳтаринро харидорӣ кард. Торт барои меҳмонон бояд тӯҳфаи ғайричашмдошт мешуд. Барои тайёр кардани он: равғани маска, қаймоқ, шакар, ванилин, шафтолу, ананас ва барои тар кардан ҳатто ликёр харида шуданд.

Пеш аз хоб модар ба духтараш гуфт:

— Оҳ, пагоҳ барои ман ин қадар рӯзи серташвиш мешавад. Ҳама корро дар вақташ кардан лозим.

Рӯзи дигар духтар хеле барвақт бедор шуд, вақте ки дар хона ҳама ҳоло хоб буданд. Ӯ қарор дод модарашро хурсанд кунад. Мустақилона тухмбирён, чалпаки қаймоқӣ, хуриши мевагӣ ва қаймоқи хаффаки ванил ва ликёрдор тайёр кард.

Модар бедор шуд, аз бистар хест, дасту рӯяшро шуст ва ба ошхона рафт.

— Навигарӣ! — овози хушбахти духтараш ӯро пешвоз гирифт, ки ба рӯи мизи густурдашуда ишора мекард.

Модар ба курсӣ нишаст, сарашро ҷунбонд ва оҳи вазнин кашид. Ӯ табассум карда наметавонист, тӯҳфаи ғайричашмдошти духтараш ӯро тамоман хурсанд накард.



— Хайр майлаш, — гуфт модар, — акнун ту ҳамроҳи ман ба мағоза меравӣ. Тайёр шав.

Модару духтар мағозаҳои наздиктаринро дида бaромаданд, дар чандин навбат истоданд ва борхалтаҳои вазнинро бо маҳсулоти хӯрданӣ ба хона оварданд. Аллакай дар хона модар гуфт:

— Аз нақшаи кашидаам ду баробар зиёд пул сарф кардан лозим шуд, бинобар ин тамоми ҳафтаи оянда ман ба ту барои субҳонаи мактабӣ пул дода наметавонам.

— Модар, аммо ид мешавад?

— Ид мешавад, ва ту торт ҳам мехӯрӣ, маҳсулоти нав маҳз барои ҳамин харида шудааст.

Бегоҳи баъд аз ид, пеш аз хоб духтарак Китоби Муқаддасро мехонд. Модар оромакак дар бараш, дар лаби диван менишаст. Духтар пурсид:

— Бадӣ дар рӯи замин аз куҷо пайдо шуда бошад? Охир ҳамаи одамон хуб шудан мехоҳанд ва бо роҳҳои худ ба сӯи некӣ ҳаракат мекунанд.

Модар хастаҳолона табассум кард ва пурсид:

— Ту дар бораи боғи Адан хондӣ?

— Ҳа. Боз дар бораи дарахти донистани некӣ ва бадӣ ҳам. Охир ба Худо дар биҳишт мондани ин дарахти бадӣ барои чӣ лозим буд?

— Дар он умуман бадӣ вуҷуд надошт.

— Чӣ тавр?

— Ин дарахти донистани некӣ ва бадӣ буд, на ин ки дарахти некӣ ва бадӣ. Одам бояд мефаҳмид, ки бадӣ ва некӣ чист. Ин аз давраҳои Одам омадааст:

Аксар вақт он чизе ки бадӣ менамояд, дар ҳақиқат некӣ аст ва, баръакс, он чизе ки некӣ менамояд, — бадии ҳақиқӣ мебошад.

— Оҳ, модарҷон, вақте ки Одам ба гапи ӯ итоат накард, Худо чӣ қадар ғамгин шудагист…

— Офарин, ки ту инро фаҳмидӣ.

— Аммо ба ҳар ҳол ман тамоман фаҳмида наметавонам, ки чаро Одам ин тавр рафтор кард?

— Мустақилияти худро нишон доданӣ шуд.

Ҳангоми гуфтани ин суханҳо модар табассум ва чашмонашро нимпӯш кард. Духтараш воҳ гуфт:

— Айнан мисли он, ки пагоҳирӯзӣ маҳсулоти барои торт харидаи туро ҳайф кардам?

— Офарин, ки ту инро фаҳмидӣ.

# ФЁДОР ВА ХАРГӮШҲО

Офтоб баромад. Федор бардамона хест, дасту рӯяшро шуст, либосашро пӯшид, сер шуда наҳорӣ кард ва ба айвончаи хонаашон баромад.

Аз айвонча Федор ба хонаҳои ҳамсояҳо нигоҳ кард ва гуфт:

— Ҳоло хобанд. Аммо ман аллакай ба меҳнат кардан тайёр ҳастам.

Федор каландро гирифт, ва ба полез рафт. Дар байни қитъаи замин чӯби дарозе бо лавҳача меистод: «Полези ман. Ба ин ҷо даромадани ягон кас мумкин нест!». Дар ҷӯяки карам Федори сабзавоткор ба мулоим кардани замини гирди карамчаҳо сар кард. Ҷӯяк калон буд, дар он карами бисёр мерӯид, Фёдор софдилона меҳнат мекард.Аммо ногаҳон дид, ки ба полези ӯ харгӯше поида даромад. Дар паси баргҳои лаблабу, ки дар назди карам месабзид, пинҳон шуда, харгӯш эҳтиёткорона ба яке аз карамчаҳо наздик шуд. Аз ғазаб ҳатто забони Фёдор гирифт:

— Т-ту ч-чӣ? Т-ту ч-чӣ тавр? Охир ту чӣ тавр ҷуръат кардӣ? Ин ҷо-ку лавҳа гузошта шудааст…

Харгӯш айнан дар қарибиҳои лавҳа ба пойҳои қафояш рост шуд ва ба тарафи Федор гашт:

— Ҳа ман, аслан, ин ҷо барои он омадам, ки ба ту офарин гӯям, полезро дар тартиби олӣ нигоҳ медорӣ.

Федор ба харгӯш табассум кард. Аммо ӯ даст ба камар гузошта, идома медод:

— Сабзавоти ягон кас аз они ту барин намесабзад. Ана аз они Стёпаро гирем ҳам, — харгӯш дасташро ба тарафи полези ҳамсоя равон кард. — дар полези Степан, мегӯям, фақат як бурган мерӯяд, Василий бошад, умуман пойбел кардан наметавонад. Ба ӯ дар дӯкони оҳангарӣ путкзаниро диҳанду бас.

Федор аз суханҳои харгӯш лол монд ва, полезҳои дигаронро аз назар гузаронда, фақат сарашро меҷунбонд. Ҳамин вақт харгӯш як карамчаро шикаст ва, чолокона ба пасаш пинҳон карду, қафонокӣ ба тарфи ҷангал қадам монд, ва дар охир гуфт:

— Хайр, туро аз корат намононам. Кор кун.

Харгӯш рафту Фёдор боз заминро мулоим кардан гирифт, ва ногаҳон дид, ки як решача аз замин баромада истодааст у карамаш нест.

— Оҳ, фиребгар! — ба ҳаяҷон омад Федор. — Охир ӯ чӣ хел ҷуръат кард? Дузди гузаро!

Хоҳиши кор кардани Федор гурехт, барои камтар хӯрок хӯрдан ба хона рафт. Бо дили зиқ камтар хӯрд, дам гирифт ва дуо гуфта, боз ба полез рафт: «Худовандо! Маро аз ин харгӯш муҳофизат намо. Охир Ту медонӣ, ки ӯ чӣ хел айёр аст».

Федор ба полез баргашт ва боз ба мулоим кардани замин шурӯъ кард. Хаста шуда, то ки миёнашро дам диҳад, рост шуд ва дид, ки харгӯш аз ҷангал ба тарафи полези ӯ мешитобад. Федор ба вай дод зад:

— Дафъ шав!

Аммо харгӯш, гӯё ки овозеро нашунидааст, ҷаста ба пеши Фёдор омад, ба пойҳои қафояш рост истод ва оромона гуфт:

— Ман сер ҳастам. Аммо ман ба назди ту чун дӯст, бо маслиҳат омадам.

Федор каландро гузошт ва эҳтиёткорона пурсид:

— Хайр?

— Ана ту доимо карам мекорӣ, аммо сабзӣ коридан лозим аст, — гуфт харгӯш. — баногоҳ ба карам қаҳтӣ расад-чӣ?

Федор, пешниҳоди харгӯшро мулоҳиза намуда, ба замин нигоҳ кард, аммо харгӯш як ҷуфт карамро ғарчос занонда канду, бо душворӣ дар дасташ нигоҳ дошта истода, дар пасаш пинҳон кард ва ба тарафи ҷангал қафо рафтан гирифт.

— Хайр, то дидан, заҳматкаш! — хайрухуш кард хокистарранг.

Федор аз гум шудани ду карам дарак ёфт ва аз пештара дида бисёртар зиқ шуд:

— Охир ин чӣ кор аст? Кадом дузд сар ба полези ман халондааст?!

Федор гиря кард ва ба зорӣ даромад: «Худовандо! Ту маро аз камомад нигаҳ дор, аз ин харгӯш муҳофизат кун!». Хуб гиря кард ва боз ба коркарди ҷӯяк шурӯъ кард.

Айни замон дар назди лавҳа аллакай на ин ки як, балкӣ ду харгӯш меистод. Дар тахтапушти ҳар кадомаш як халта. Федор харгӯшҳоро дид ва чунон дод зад:

— Канӣ аз ин ҷо равед! Дуздакони бешарм!

— Ту, дӯстам, чаро ин қадар доду вой мекунӣ? — ҳайрон шуд яке аз меҳмонҳо. — Ана ман ба рафиқам дар бораи ту хеле нақл кардам, ки чӣ хел ту меҳрубон

ва раҳмдил ҳастӣ. Вай доимо хоҳиш мекард, ки ман ӯро бо ту шинос кунам. Биё, гуфтам, одами хубро ба ӯ нишон диҳам.

Федор оҳи ширин кашид ва гуфт:

— Албатта, кӯшиш мекунам, ки корҳои нек кунам…

— Биё нишинем, — пешниҳод кард харгӯш, — рост истодан фоида надорад. Дар бораи некӣ ва раҳмдилӣ сӯҳбат кунем.

Обчакор дар марза назди харгӯш нишаст ва ба гӯш кардани суханҳои форам тайёр шуд. Аммо худи ҳамин вақт харгӯши дигар, саросема нашуда, ба халтаҳои серғунҷоиш карамҳоро ҷо ба ҷо кардан гирифт.

— Одамони нағз кам мондаанд, — идома медод нотиқ. — Ана ҳатто Иван, ҳамсояи туро гирем. Гӯё ки ӯ ҳам серғайрат аст, аммо чаро плези худро бо симхор печонда гирифтааст? Степан чӣ? Чунин қаторчӯб рост кардааст, ки гӯё полез неву, балкӣ қасри ритсарҳо бошад. Дар бораи Василий гап задан ҳам намеарзад, ӯ ба полез тамоман нигоҳ намекунад, дар он ҷо фақат алафи бегона мерӯяд… Хайр, вақти рафтан шуд. Барои сӯҳбати пурмазмун ба ту ташаккур… То дидан, ба зудӣ вомехӯрем, — гуфт харгӯш, вақте ки рафиқи вай аллакай қариб дар назди ҷангал буд.

Федор дар хусуси шунидааш андеша карда, боз каме нишаст, баъд каландро ба дасташ гирифт ва, албатта, ҳамон лаҳза дид, ки дар ҷӯяк панҷ карам намерасад. Ӯ гиряи талх кард, ки ҳатто ҳамсояаш Степан дар паси девори қаторчӯбаш ӯро шунид. Шунид ва чеғ зад:

— Ҳой, Федор, чаро ин қадар ғам мехӯрӣ?

Федор ҳиққос зад:

— Дуоҳои маро Худо намешунавад. ӯ маро тарк кардааст.

— Ин тавр шуданаш мумкин нест! — ҳайрон шуд Степан.

— Аниқ! ӯро илтиҷо мекунаму илтиҷо мекунам: ки маро аз харгӯш муҳофизат намояд… Аммо нигоҳ кун, боз карамҳоро шикастаанд.

Степан ба ҷӯяки нимхолии ҳамсояаш нигоҳ карда, пурсид:

— Аммо худи ту чӣ кор кардӣ, ки аз харгӯш халос шавӣ?

Федор ҳатто ранҷид:

— Ана лавҳача гузошта шудааст, ки ин полези ман аст!

Степан сарашро ҷунбод ва гуфт:

— Чӣ тавр муҳофизат кунӣ, ҳамон тавр ҷамъ мекунӣ.

Ҳамсоя рафту Федор боз ба зорӣ даромад: «Худовандо, ягон кас ёрӣ додан намехоҳад. Маро аз ин харгӯш муҳофизат кун…»

# АКВАРИУМ

Дар як аквариуми зебо барои бошандагони он шароитҳои аз ҳамма беҳтарин муҳайё карда шуда буд. Дар қаъри он сангчаҳои тоза мехобиданд ва барои моҳичаҳо паноҳгоҳҳои ҳайратангез сохта шуда буд. Дар вақти муайян хӯрок дода мешуд, ва бо ёрии асбоб обро доимо бо ҳаво пур карда меистоданд. Барои он ки моҳичаҳо бемор нашаванд, дар аквариум растании табобатӣ корида шуда буд, ки микробҳоро мекушт. Моҳичаҳо ба назди ин растанӣ шино карда меомаданд ва тахтапушташонро ба он мемолиданд.

Боре моҳичаи кунҷкове мазаи растании табобатиро чашиданӣ шуд. Вай баргчаеро газида гирифт, фурӯ бурд, ва хеле хушҳол шуд. Он гоҳ моҳичаи хушҳол дугонаҳои худро ҷеғ зад, ва моҳичаҳо села шуда, ба растании табобатӣ дарафтоданд, ва онро барг ба барг хоида шодӣ мекарданд. Аммо, онҳо дер шодӣ накарданд, ба зудӣ дар байни моҳичаҳо ҷанҷол хест, онҳо якдигарро тела дода, аз зиёфат меронданд. Аз бесарусомонӣ истифода бурда як моҳичаи чаққон барги бутунеро канд ва ба хоначаи худ даромада рафт. Дар он ҷо ғанимтаи худро боэътимод ба зери санг пинҳон

кард. Ба зудӣ дар зери ин санг кирмчаҳо пайдо шуданд. Моҳича як кирмчаро хӯрда дид — ба вай маъқул шуд.

Моҳичаи чаққон дугонаҳояшро ба хонааш ба меҳмонӣ даъват кард ва бо кирмчаҳо зиёфат намуд. Моҳичаҳои баднафс мехӯрданду зиёфатро таъриф мекарданд. Вақте ки кирмчаҳо тамом шуданд, меҳмонон ба ҳар тараф нигоҳ карданд — шояд ягон чизи дигар ҳам бошад. Ягон чизи хӯрданӣ наёфтанд ва он гоҳ ба якдигар дарафтода, газидан гирифтанд. Кор бо он чиз анҷом ёфт, ки як моҳичаи пурхӯр дигарашро фурӯ бурд. Аз ҳамон вақт дар аквариум хатарнок шуд.

Моҳичаҳо якдигарро мехӯрданд. Дар айни ҳол аз растании табобатӣ як поя боқӣ монд, он қариб мурда буд ва дигар бо микробҳо мубориза намебурд. Кирмчаҳо он қадар бисёр шуданд, ки таги аквариумро пур карданд, об тира ва бӯин шуд. Моҳиҳо касал шуда, мурдан гирифтанд. Ва танҳо якчанд моҳича ба хоначаҳои худ дарунтар даромада, аз девонагии умумӣ дар канор истода буданд.

Боре соҳиби аквариум домхалтаро гирифт ва моҳичаҳои дар хоначаҳояшон пинҳоншударо дошта гирифт, онҳоро дошта, ба банкаи оби тоза андохт, ва ҳама чизҳои дигари дар аквариум бударо ҳамроҳи моҳичаҳои бемор рехта партофт. Аквариумро шустан, хушк кардан, аз нав сангфарш ва бо оби тоза пур кардан лозим шуд. Вақте ки ҳама чиз тайёр шуд, ба он ҷо моҳичаҳои гапдаро, ором аз банка сар дода шуданд. Ва дубора дар аквариум ҳаёти хурсандона ва хушбахтона сар шуд. Моҳичаҳо бисёртар ва бисёртар мешуданд. Боре соҳиби аквариум дид, ки яке аз моҳичаҳо баргчаи растании табобатиро газида гирифт. Ӯ дарҳол домхалтаро гирифта он моҳичаро дошт ва онро партофт.



— Ӯ чӣ кор мекунад?! — гуфт моҳичаи ба ғазаб омада. — Чӣ хел бераҳмӣ!

Рӯзи дигар моҳичаи захиракор дар зери санг камтар хӯрокро пинҳон кард. Соҳиби аквариум инро дид, домхалтаро гирифт ва моҳичаро дошта, аз аквариум берун партофт.

— Соҳиби мо одами даҳшатнок! — аллакай якчанд моҳича ба ғазаб омаданд.

— Ӯ барои кӣ даҳшатнок аст? — пурсид яке аз моҳичаҳои рахшон.

Ҳама медонистанд, ки ин ҳамон моҳичаи тиллоӣ буд, ки дар ин ҷо аз давраҳои қадим, то ҳамон вақте, ки аквариуми пешина нобуд карда шуда буд, зиндагӣ мекард. Нафаре гапи ӯро гӯш мекард, баъеҳо бошанд онҳоро ба назар нагирифтанд.

— Хӯҷаин даҳшатнок аст, — гуфт моҳичаи тиллоӣ ба писараш, — аммо фақат барои гапнодароён. Дуруст рафтор кун, дон, ки кадом чиз мумкин асту кадомаш не, ва он гоҳ хӯҷаин барои ту даҳшатнок намешавад.

# ТАРС

Ба истгоҳи автобус мошине омада истод аз тиреза ронанда нигоҳ кард.

— Денис! — гуфта ӯ яке аз одамони дар истгоҳ будаеро фарёд кард. — Шин, бурда мерасонам!

— Оличаноб, Кирилл! — дари мошинро пӯшида истода, гуфт Денис.

— Ту, чӣ тавре ки ман мебинам, ҳуҷҷати ронандагӣ гирифтӣ?

— Ҳа, хайрият. Ҳатто бовариам намеояд.

Денис оҳ кашид ва гуфт:

— Аммо ман, эҳтимол, ҳеҷ гоҳ ҳуҷҷати ронандагӣ гирифта наметавонам.

— Санҷида дидӣ?

— Ҳа, санҷида будам.

— Чаро нашуд?

— Метарсам. Ин қадар аломатҳои манъкунанда, ин қадар аломатҳои огоҳкунанда бисёр, ки ман, ба онҳо нигоҳ карда, ба куҷо рафта истоданамро аз хотир мебарорам.

— Аню мана! — ҳайрон шуд Кирилл. — Ин тавр ҳам мешудааст?

— Чӣ қадаре, ки хоҳӣ! Ана, масалан, ман аломати «Даромадан манъ аст»-ро мебинам ва хеле метарсам.

— Охир чаро?

— Ба назарам чунин менамояд, ки ман аллакай қоидаро вайрон кардааму ба ҷои манъкардашуда даромада рафтаам.

Кирилл ханда кард:

— Аммо дар асл ту надаромадӣ-ку!

— Аммо ба назарам менамояд, ки даромадаам. Аломатро мебинам — ва фикр мекунам, ки аллакай қоидаро вайрон кардаам. Ҳамаи аломатҳои манъкунанда даҳшатнок мебошанд, чунки вайрон мекунӣ — ва ҷазо дода мешавӣ! Ё ин ки боз як мисол: ман рост рафта истодаам, ногаҳон аломати «Ҷои пасгардӣ». Ва ман мувофиқи ҳамин аломат пас мегардам, ҳол он ки бояд рост равам.

Кирилл сарашро ҷунбонд:

— Ба фикри ту, аломатҳо барои чӣ вуҷуд доранд? Барои он, ки ту дар хона шинӣ? Аломатҳо барои он мебошанд, ки ҳангоми дар паси чанбарак буданат, дар роҳ тартиб бошад.

Аммо ман туро камтар мефаҳмам. Бо ман ҳам ҳамин тавр мешавад, фақат дар масъалаи дигар. Агар мавзӯи худамонро пайгирӣ кунем, вақте ки ман Китоби Муқаддасро мехонам, дарҳол худро гунаҳкор ё қонуншикан ҳис мекунам. Ана, масалан, гуфта шудааст, ки одаме ки кори Худовандро бепарвоёна иҷро мекунад, лаънатзада аст. Ин калимаҳоро мехонам — ва метарсам. Ҳатто аз иҷро кардани ягон кор ҳам метарсам.

— Охир аз чӣ метарсӣ? — ин дафъа Денис ҳайрон шуд.

— Чӣ тавре ки ба ман маълум аст, ту ба ҳар кор ба таври ҷиддӣ муносибат мекунӣ!

Кирилл, аз нофаҳмии рафиқаш ғамгин шуда, гуфт:

— Охир, дар ин ҷо чӣ нофаҳмост? Агар гуфта шуда бошад, яъне барои ман гуфта шудааст.

— Гуфта шудааст, ки ту ин тавр рафтор накунӣ ва офарин, ки ин тавр рафтор намекунӣ.

Кирилл ором намешуд:

— Чӣ хел ба ту фаҳмонам? Ана, масалан, ман меҳоҳам дуредгар шуда, кор кунам, аммо дар Китоби Муқаддас дар бораи одаме мехонам, ки бо кишоварзӣ машғул буд. Ва фикр мекунам, ки бояд роҳи кишоварзиро барои худ интихоб кунам, то ки тамоми корам дуруст бошад. Ҳамин хел, дар бораи мамнӯъот хонда истода, ғам мехӯрам.

Денис ва Кирилл чанд вақт, аз чорраҳа ба чорраҳа, аз чароғак ба чароғак гузашта, бесухан мерафтанд. Дар роҳ аломатҳои бисёр буданд: чизеро манъкунанда ва фармондиҳанда, дар бораи чизе огаҳкунанда.

— Медонӣ, Кирилл, — гуфт, оқибат, рафиқаш, — ана мо бо ту сӯҳбат кардем, ва ман қарор додам: ҳамон тавр рондани мошинро ёд мегирам, ки аз аломатҳо натарсам.

— Аммо ман қарор додам, ки — худамро ба машғулиятҳои библияӣ номнавис мекунам, ҳамон тавр хондани Китоби Муқаддасро меомӯзам, ки нотарсида зиндагӣ кунам.

# ДИЛИ ТИЛЛОӢ

Дар бораи як одам мегуфтанд, ки ӯ дили тиллоӣ дорад. Ӯ одами саховатманд, меҳрубон, одамдӯст буд. Бисёриҳо аз ин ба манфиати худ истифода мебурданд.

Исои Масеҳ инро медид ва боре ба ин одами, ба қавли дигарон, дили тиллоӣ дошта, гуфт:

— Аз тамоми чизҳои ҳифзшаванда бисёртар дили худро муҳофизат намо.

— Хуб шудааст, — ҷавоб дод ӯ.

— Ин кори осон нест, — огаҳ кард Исои Масеҳ. — Беҳтараш дили худро ба Ман деҳ.

— Не, — қотеъона гуфт одами хуб. — Худам ҳам онро ҳифз карда метавонам.

Одами дили тиллоӣ дошта, на танҳо меҳрубон, балкӣ боақл ҳам буд, бинобар ин ӯ қарор дод бо одамон муносибат накунад, то ин ки ҳеҷ кас аз некии ӯ ба манфиати худ истифода бурда натавонад. Ҳамин тариқ чанд сол гузашт, аз танҳоӣ дили тиллоӣ сахт андӯҳгин шуд.

Боре дари хонаро, ки одами тиллодил зиндагӣ мекард, кӯфтанд.

— Кист он ҷо? — пурсид ӯ.

— Ин моем, ҳамсояҳои ту, ба ту хурсандӣ ва шодӣ овардем!

Хӯҷаин дарро калон кушод ва бо саховатмандии комил меҳмононро пазироӣ кард. Ҳамин тавр ба ҳаёти ӯ шодӣ ворид шуд: латифаҳои беохир, шӯхиҳои қабеҳ ва базмҳои шабонарӯзӣ, ханда, ҷамъомадҳои идона, ғайбат ва суханчинӣ. Як дафъа одаме, ки дили тиллоӣ дошт, чунон хаста шуд, ки дигар барои некӣ ва меҳрубонӣ кардан қуввате надошт. ӯ хеле ғамгин шуд. Боз дарро кӯфтанд.

— Кист он ҷо? — оташин шуда, пурсид хӯҷаин.

— Ин моем, дӯстони ту, ба ту осоиш ва оромӣ овардем!

ӯ дарро калон кушод, дӯстони нав ёд доданд, ки чӣ тавр дар бораи ягон чиз ғам нахӯрдан мумкин аст. Чӣ фарқ дорад, ки ту одами бад ё нек, сахӣ ё хасис, мурда ё зинда ҳастӣ, мегуфтанд онҳо.

Дар ҳақиқат, чӣ фарқ дорад, розӣ шуд одаме, ки дили тиллоӣ дошт. Худи ҳамон лаҳза ӯро бепарвоӣ фаро гирифт ва ӯ бераҳм, ба ҳама чиз бепарво ва бетавофут шуд. Ӯ дар атрофи худ беадолатӣ ва бадбахтиҳоро медид, медид, ки чӣ тавр одамон ранҷ мебаранду азоб мекашанд, аммо ӯ дар ин хусус фикр кардан намехост. Хеле зуд ӯ чунон ба бераҳмии муҳити атроф одат кард, ки худаш бераҳм, якрав, зудранҷ шуда, дигаронро меранҷонд. Ва он вақт ӯ боз бо Исои Масеҳ вохӯрд, ки гуфт:

— Дилатро ба Ман деҳ.

— Он вайрон шудааст, ба ҳеҷ чиз кор намеояд, — оҳиста ғурунгос зад одаме, ки дили тиллоӣ дошт.

— Ба ҳар ҳол дилатро ба Ман деҳ, — хоҳиш кард Исои Масеҳ.

— Бигир ва маро бубахш.

Исои Масеҳ одамеро, ки дили тиллоӣ дошт, ба назди одамоне овард, ки ба наздикӣ бо дӯстонаш дар бораи онҳо ғайбат мекард. Дили тиллоиро шарм ва таассуф месӯзонданд.

Исои Масеҳ ӯро аз пеши одамоне, ки аз беморихо ва бенавоӣ азият мекашиданд гузаронд. Дили тиллоӣ аз дарди тоқатфарсои дидани бадбахтон ва бенавоён пора-пора мешуд. Он як лаҳза бозистод, гӯё мурда буд, ва ногаҳон бо қувваи нав ба тапиш даромад ва лабрези меҳрубонӣ, саховат ва осудагӣ шуд.

— Ташаккур ба Ту, Исо! Акнун ман медонам, ба дили ман чӣ лозим аст! — гуфт одами хушбахт. — Акнун ман мефаҳмам, ки чаро Ту гуфтӣ: «Ҷаҳони Худро ба шумо медиҳам, на он тавре, ки ҷаҳон медиҳад, Ман ба шумо медиҳам». Ва акнун ман ин суханони Туро низ мефаҳмам: «Писари Ман, дили худро ба Ман деҳ…»

Садои тақ-тақи дар омад.

— Кист он ҷо? — пурсид хӯҷаин.

— Ин моем, ҳамсояҳои ту, ба ту хурсандиву нишот овардем!

— Ба ман хурсандиву нишоти шумо лозим нест, — ҷавоб дод одаме, ки дили тиллоӣ дошт. — Ман ба шумо роҳ намедиҳам.

Боз дарро кӯфтанд, ва одами тиллодил суханҳои шиносро шунид:

— Ин моем, дӯстони ту, ба ту осоиш ва оромӣ овардем!

— Ба ман осоиш ва оромии шумо лозим нест! — қотеъона ҷавоб дод хӯҷаин. — Ман шуморо даромадан намемонам.



Одаме, ки дили тиллоӣ дошт, аз хона баромад. Ӯ ба одамони рӯ ба рӯ омада истода некӣ навозиш ва муҳаббатро тӯҳфа мекард ва ҳеҷ гоҳ хаста намешуд.



# МУНДАРИҶА


Ҳавз ........................................................ 5
Занбӯракҳо.................................................. 9
Гулпарвар ................................................. 13
Тӯҳфаи мавлудӣ ......................................... 18
Гулдон ...................................................... 23
Мактаби ҳаёт ............................................. 27
Меомӯзам................................................... 31
Духтури бадқаҳр ........................................ 35
Ҷадвали рӯз ................................................ 38
Алафи печак ............................................... 41
Каллаварам ................................................. 45
Ғайбат........................................................ 47
Саргузашт .................................................. 51
Кӯпрук....................................................... 54
Бобои Барфӣ ............................................... 61
Рақами ҳафт ............................................... 65
Писар......................................................... 68
Дар автобус ................................................ 71
Торт .......................................................... 74
Фёдор ва харгӯшҳо ...................................... 78
Аквариум ................................................... 83
Тарс .......................................................... 87
Дили тиллоӣ ............................................... 90